Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

# Боҷу хироҷ

№2 (1203)
Панҷшанбе,
9 январи соли 2020

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ПРЕЗИДЕНТ



**Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо ҳолати гармхонаҳо ва фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонии шаҳри Турсунзода шинос шуданд**

с. 3

# Тартиби андозбандии соҳибкории хурд ва миёна



*Фаъолияти соҳибкорӣ чӣ гуна ва дар кадом асос оғоз меёбад?*

*Андозбандии соҳибкории хурд ва миёна бо кадом тартиб сурат мегирад?*

*Муносибатҳои андозӣ чӣ тавр танзим мегарданд?*

ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ
**Паём аз шукуфоии Ватан** с. 4

МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ
**Ҳолати бақайдгирии низомҳои андозбандӣ**
Оид ба низомҳои махсуси андозбандӣ ва низомҳои имтиёзноки андозбандӣ
с. 5

МАСЛИҲАТИ МУТАХАССИС
**Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ: тартиб ва муқаррароти он** с. 6

КОРҲОИ НАЗОРАТӢ
**Назорати камералӣ – омили пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз** с. 9

ФИНАНСЫ
**Законодательные основы инвестиционной деятельности в Республике Таджикистан** с. 12

ДИҚҚАТ!!! * ДИҚҚАТ!!!

**ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ» БАРОИ СОЛИ 2020 ИДОМА ДОРАД**

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**65 СОМОНӢ**
НАРХИ ЯКСОЛАИ ОБУНА



Идораи рӯзномаи «Боҷу хироҷ» имконияти моддию молиявии обунашавандаҳоро ба назар гирифта, нархи обунаи яксолаашро 65 сомонӣ муқаррар намудааст, ки нисбат ба нархи обунаи аксар рӯзномаҳои кишвар арзонтар аст.

**Суроғаи мо:** ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе. **Телефон:** 44-600-41-76

р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе.

# Ба истиқболи дастовардҳои нав ва иқдому ташаббусҳои созанда

## Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати фарорасии Соли нави мелодии 2020

*Душанбе, 31.12.2019*



**Ҳамватанони азиз!**

Ҳоло, ки мо дар остонаи соли нави мелодии 2020 қарор дорем, бо истифода аз фурсат кулли мардуми Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзиамонро ба ин муносибат табрик гуфта, ба ҳар фарди Ватани азизамон саломатӣ, умри бобаракат, саодату комёбӣ ва ба кишварамон пешрафту ободии бештар ва суботу оромии ҷовидона орзумандам.

Соли 2019 дар таърихи навини мардуми тоҷик ҳамчун соли дастовардҳои арзишманд сабт мегардад. Дар ин сол бо азму талоши сокинони мамлакат иқдому ташаббусҳои созанда вусъати бесобиқа касб карда, мардуми сарбаланди мо ба хотири боз ҳам ободу зебо гардонидани Ватани биҳиштосои худ сарҷамъу аҳлона ва беш аз ҳар вақти дигар заҳмат кашиданд.

Ба истифода додани агрегати дуюми Нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" аз ҷумлаи дастовардҳои бузурги имсолаи мо дар соҳаи энергетика ва як қадами устувори дигар дар ҷодаи таъмини истиқлоли энергетикӣ, боз ҳам беҳтар қонеъ гардонидани талаботи соҳаҳои иқтисодӣ ва аҳолӣ ба нерӯи барқ ва заминаи мусоид барои амалӣ гардидани ҳадафи чоруми миллӣ — саноатикунонии босуръати мамлакат мебошад.

Имсол соҳаҳои истеҳсолӣ низ рушд карда, даҳҳо корхонаҳои хурду миёна бунёд ва ба истифода супорида шуданд. Дар ин кори хайр саҳми соҳибкорони ватанӣ, шахсони саховатпеша, кишоварзону сохтмончиён ва тамоми мардуми шарифи кишвар хеле назаррас мебошад. Онҳо бо азму иродаи ватандӯстона ва ба хотири татбиқи сиёсати давлату Ҳукумат ҷиҳати муҳайё сохтани ҷойҳои корӣ, вусъати корҳои ободонӣ ва дар ин асос беҳтар кардани сатҳи некӯаҳволии сокинони мамлакат ҳиссаи арзанда гузошта истодаанд, ки ба ҳар яки онҳо изҳори сипос менамоям.

Дар соҳаи иҷтимоӣ низ корҳои зиёд ба анҷом расида, садҳо муассисаҳои нави таълиму тандурустӣ ба истифода дода шуданд ва бо ҳамин роҳ мушкилоту масъалаҳои ин соҳаи муҳим тадриҷан бартараф гардида истодаанд.

Соли сипаришудаистода 25 — солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил гардид. Маҳз ин санади сарнавиштсоз ба мо имкон дод, ки дар вазъияти хеле ҳассоси ҷамъиятиву сиёсии солҳои 90-уми асри гузашта барои ҳифзи истиқлоли давлатӣ таҳкурсии мустаҳками ҳуқуқӣ гузошта, ҷиҳати расидан ба ваҳдати миллӣ ва хотима додан ба ҷанги шаҳрвандӣ мардумро сарҷамъу муттаҳид созем.

Таҷлили ҷашни чорякасраи Конститутсия бори дигар далели устувории давлат ва азму иродаи мардуми Тоҷикистонро дар роҳи бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ, таҳкими истиқлоли давлатӣ ва пешрафт ба сӯи ҳадафҳои бузурги стратегӣ собит намуд.

Соли 2019 ба истиқболи сисолагии Истиқлоли давлатӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар, аз ҷумла дар минтақаҳои дурдаст садҳо иншооти саноативу иҷтимоӣ ва хизматрасонӣ мавриди истифода қарор дода шуданд, ки ба шарофати онҳо симои шаҳру деҳоти мамлакат босуръат дигаргун шуда истодааст.

Мо, инчунин, соли ҷорӣ даҳумин солгарди Қонун "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" – ро таҷлил кардем. Воқеан, забони нобу шево ва ширину шоиронаи тоҷикӣ маҳз дар замони истиқлол соҳиби ҷойгоҳи асливу арзандаи худ гардида, имрӯз ба сифати забони давлатӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа истифода мешавад ва рушд мекунад.

Вазифаи ҳар як фарди худогоҳу ватандӯст аз он иборат аст, ки на танҳо забони модарии худро гиромӣ дорад, балки дар татбиқи пурраи муқаррароти қонуни забон саҳм гузорад. Танҳо бо чунин муносибат мақоми забони давлатӣ ҳамчун яке аз рукнҳои бунёдии давлатдории миллӣ ҳамеша пойдору устувор хоҳад буд.

Соли 2019 барои кишвари мо дар самти сиёсати хориҷӣ низ соли бобарор ва соли таҳкиму тақвияти нуфузу обрӯи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ буд.

Соли сипаришаванда собит намуд, ки мардуми бонангу номус ва ватандӯсту ватанпарвари мо ба қадри сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ мерасанд ва барои ҳимояи истиқлолу озодии Тоҷикистони маҳбубамон ҳамеша омодаанд.

Барои соли 2020 мо иҷрои корҳои зиёди созандаро ба нақша гирифтаем.

Чанд рӯз пештар ман дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии мамлакат дастоварду пешравиҳои кишвар ва нияту нақшаҳои давлату Ҳукуматро, ки барои боз ҳам беҳтар намудани шароити зиндагии мардум, таҳкими иқтидори давлати соҳибихтиёру озоди тоҷикон, яъне ба ояндаи ободу осудаи халқи тоҷик нигаронида шудаанд, баён кардам.

Бо эътимоди комил изҳор менамоям, ки хурду бузурги кишвар дар амалӣ намудани онҳо саҳми хешро мегузоранд ва тамоми саъю талоши худро барои истиқболи шоистаи ҷашни бузургу муқаддаси миллиамон – сисолагии Истиқлоли давлатӣ сафарбар месозанд.

Соли 2020 дар кишварамон маъракаҳои муҳимми сиёсӣ – интихоботи вакилони Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллӣ баргузор мешаванд ва бовар дорам, ки ин чорабиниҳои сиёсӣ дар доираи муқаррароти Конститутсия, дар сатҳи баланди ташкилӣ ва бо иштироки фаъолонаи шаҳрвандони мо доир гардида, ба таҳкими минбаъдаи пояҳои давлати миллии тоҷикон ва тақвияти нуфузу обрӯи он дар арсаи байналмилалӣ мусоидат менамоянд.

Бо ибрози ин ниятҳои нек бори дигар ҳамаи сокинони Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзиро ба муносибати фарорасии соли нави мелодӣ табрик гуфта, ба онҳо дар ҷодаи амалӣ намудани нақшаҳои созандаи давлати соҳибистиқлоламон ва ободу зебо гардонидани Ватани маҳбубамон сиҳатмандӣ, иқболи баланд ва бароru комёбӣ орзу менамоям.

**Соли нави мелодии 2020 муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

---

### Азим Иброҳим, муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон:

# «Сифати масолеҳ ва технологияи муосири роҳсозӣ кафолат медиҳанд, ки роҳҳо муддати тӯлонӣ хизмат расонанд»

**Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим 6 январ аз ҷараёни корҳои сохтмонӣ дар роҳи автомобилгарди "Душанбе-Бохтар", ки аз ҷониби ширкатҳои чинии Синдзян Бейсин ЛТД ва "Синоҳайдро Корпорейшн ЛТД" амалӣ гардида истодааст, дидан намуд.**

Муовини Сарвазири мамлакат зимни боздид тазаккур дод, ки ҷараёни корҳои сохтмонӣ дар лоиҳаи мазкур зери назорати доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Сари вақт ва бо сифати баланд мавриди истифода қарор додани ин иншоот ба вусъат бахшидани гардиши муомилоти дохилӣ, паст гардидани арзиши хизматрасониҳои нақлиётӣ, баланд гардидани сатҳи некуаҳволии сокинони мамлакат ва дар маҷмӯъ, ба рушди иқтисодиёти мамлакат мусоидат мекунад.

Мавриди зикр аст, ки таҷдиди роҳи автомобилгарди "Душанбе-Бохтар" аз ду марҳала иборат буда, марҳалаи аввали он аз км 0+275 то 33+475-ро дар бар мегирад. Дар ин марҳала тибқи меъёрҳои категорияи 1-и техникӣ, сохтмону аз нав барқароркунии 8 пул, аз ҷумла таҷдиду навсозии як пули калон дар болои дарёи Кофарниҳон, як гузаргоҳи зеризаминӣ, чор роҳи зеризаминии чорвогузар ва ду пули таъйиноти гуногун ба нақша гирифта шудааст. Инчунин дар ин иншоот сохтмони қубурҳои обгузар, ҷӯйборҳои бетонӣ, кӯчонидани хатҳои коммуникатсионӣ, барқ, обёрикунанда, алоқа (ҳавоӣ ва зеризаминӣ), газтаъминкунӣ ва оби нӯшокӣ пешбинӣ шудааст.

Шумораи умумии кормандон дар ин лоиҳа 264 нафарро ташкил дода, аз онҳо 237 нафар (90%) сокинони маҳаллӣ ва 27 нафари (10%) дигарро мутахассисони хориҷӣ ташкил мекунанд. Мутобиқи маълумотномаи Вазорати нақлиёт, корҳои сохтмони анҷомдода то имрӯз зиёда аз 50 фоизи нақшаи пешбинишударо ташкил медиҳанд, ки ин нисбат ба нақшаи иҷрои корҳои тасдиқгардида то имрӯз 15% кам мебошад.

Муовини Сарвазири мамлакат аз роҳбарони лоиҳа ва масъулони Вазорати нақлиёт талаб намуд, ки дастурҳои Сарвазири ҷумҳурӣ оид ба сари вақт ва бо сифат анҷом додани корҳои сохтмониро дар муҳлатҳои пешбинишуда таъмин намоянд ва ин қафомонӣ дар муҳлати кӯтоҳ бояд аз ҳисоби вусъат бахшидани корҳои сохтмонӣ бартараф карда шавад.

Дар марҳалаи дуюми лоиҳа таҷдид намудани 39,6 км роҳи автомобилгард аз км 33+475 то 73+050 тибқи меъёрҳои категорияи 1-и техникӣ дар назар аст. Дар ин марҳала сохтмони 8 адад пули нав, 5 адад гузаргоҳи зеризаминӣ, 1 адад пули пиёдагузар ва таҷдиди 1 адад пули мавҷуда ба нақша гирифта шудааст.

Мавриди зикр аст, ки дар ин марҳала Ширкати "Синоҳайдро Корпорейшн ЛТД" тарзи ташкили корро нисбатан хубтар ба роҳ мондааст, аммо тибқи нақшаи тасдиқгардида, иҷрои корҳои қафомондаи ин ширкат 3%-ро ташкил мекунад.

Анҷоми корҳои сохтмонӣ барои марҳалаи аввал августи соли 2020 ва марҳалаи дуюм соли 2021 пешбинӣ шудааст.

Муовини Сарвазири мамлакат аз сармуҳандисони ҳарду ширкат талаб намуд, ки намунаҳои озмоиши ҳар қитъаи замини зери сохтмон омадаро вобаста ба устуворӣ мавриди ташхиси дақиқи озмоишгоҳӣ қарор диҳанд ва сифати маводу масолеҳи дар сохтмони ин иншоот истифодашаванда бояд мутобиқ ба стандартҳои соҳавӣ бошад, зеро кафолати ба муддати тӯлонӣ хизмат расонидани роҳҳои бунёдшаванда аз ин омилҳо вобастагии зич дорад. Зикр гардид, ки мутаассифона, усули кунунии гирифтани намунаҳо наметавонад ба талаботу меъёрҳои муосири роҳсозӣ ҷавобгӯй бошад. Як сол тӯлонитар хизмат расонидани роҳҳои бунёдшаванда метавонад миллионҳо сомонии буҷаи давлатро сарфа намояд.

Директори Маркази татбиқи таҷдиди роҳҳои ҷумҳуриявӣ вазифадор гардид, ки камбудиҳои ошкоршударо дар якҷоягӣ бо мутахассисони лоиҳа ва вазорат бартараф намуда, дар самти таъмини сифат ва сари вақт ба истифода додани иншооти мазкур аз ҳама имкониятҳо самаранок истифода намоянд.

# Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо ҳолати гармхонаҳо ва фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонии шаҳри Турсунзода шинос шуданд



**3 январ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ барои шиносоӣ бо фаъолияти хоҷагидорон ба шаҳри Турсунзода ташриф оварданд.**

Дар деҳаи Зарбдор Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст бо фаъолияти меҳнаткашони Хоҷагии деҳқонии "Доно" шинос шуданд.

Дар ин хоҷагӣ парвариши сабзавоти барвақтӣ- помидор дар шароити гармхона ба роҳ монда шудааст.

Дар Хоҷагии деҳқонии "Доно" дар масоҳати 0,60 гектар гармхона ташкил карда шудааст, ки дар он беҳтарин навъҳои помидор парвариш карда мешаванд.

Хоҷагии мазкур соли 1996 ташкил гардида, то имрӯз саҳмдорони он бо гирифтани ҳосили баланд дар баробари таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулот содироти онро ба хориҷи мамлакат ба роҳ монда, даромади хуб мегиранд.

Президенти мамлакат барои истифодаи мақсадноку оқилонаи замин ва гирифтани ҳосили дилхоҳи маҳсулоти барвақтӣ бақои баланд дода, ба меҳнаткашон ҷиҳати рушди соҳаи афзалиятнок, афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ғанӣ гардонидани бозори истеъмолӣ ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти барвақтӣ, бахусус помидор маслиҳатҳои муфид доданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба раиси шаҳри Турсунзода ва хоҷагидорон дастуру ҳидоят доданд, ки бо истифода аз имконоти мавҷуда бозорҳои пойтахти мамлакат- шаҳри Душанберо дар ҳама фасли сол, бахусус зимистон бо маҳсулоти тару тоза таъмин намоянд.

Сокинони меҳнатқарини шаҳри Турсунзода барои дастгириҳо ва талошҳо баҳри беҳдошти шароити кору зиндагиашон ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арзи сипосу миннатдорӣ карданд.

Баъд аз шиносоӣ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кишоварзон ва фаъолони шаҳри Турсунзода суҳбати озоду самимӣ намуданд. Сарвари давлат ба кишоварзон оид ба истифодаи оқилонаи замин ва анҷоми саривақтии корҳои саҳроӣ дастуру маслиҳати муфид доданд.

Дар идомаи сафари корӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз «Боғи Сомон», ки яке аз калонтарин хоҷагиҳои ангурпарвари мамлакат ба шумор меравад, дидан намуданд.

Дар 0,50 гектар замини хоҷагии деҳқонии «Боғи Сомон» дар моҳи январ ҳосили ангур бо усули нигоҳдории табиӣ дар шохаҳои токзор мавҷуд аст, ки аз фаъолияти босамари аҳли заҳмат башорат медиҳад.

Ахли заҳмати Хоҷагии деҳқонии «Боғи Сомон» таҷрибаи бойи нигоҳубини ток ва парвариши ангурро доранд, ки ҳамасола даҳҳо тонна маҳсулот ҷамъоварӣ намуда, дар таъмини бозори дохилии мамлакат бо ангури хушсифат ва баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат фаъолона саҳм мегузоранд.

Дар заминҳои Хоҷагии деҳқонии «Боғи Сомон» 7 намуди ангур, аз ҷумла «Ҳусайнии сиёҳу сафед», «Ғалаба», «Шоҳона», «Пешпазак», «Кишмиши сиёҳу сафед» парвариш карда мешаванд, ки тибқи нишондиҳандаҳо, имсол нисбат ба солҳои қаблӣ ҳосили бештар доштанд.

Хоҷагии деҳқонии "Боғи Сомон" баробари парвариши васеи навъу намудҳои гуногуни ангур, инчунин ба чорводорӣ низ машғул аст.

Мавриди зикр аст, ки Хоҷагии деҳқонии «Боғи Сомон» бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2008 ташкил ёфта, айни замон 1102 нафар саҳмдор дорад.

Барои парвариш ва нигоҳубини ангур хоҷагӣ дорои таҷрибаи бойи корӣ ва шароити мусоид буда, ҳамасола зиёда аз 1000 тонна маҳсулот дар сардхонаҳои он нигоҳ дошта мешаванд.

Ҳамзамон, аз ҳосили имсола дар сардхонаҳои хоҷагии мазкур ангур нигоҳдорӣ шуда, барои таъмини бозорҳо бо ин номгӯи мева аҳли заҳмат фаъолона саҳм мегузоранд.

Дар маҷмӯъ, хоҷагии мазкур имконият дорад, ки то 2 ҳазор тонна маҳсулотро дар сардхонаҳо захира намуда, бо дарназардошти талабот дар дигар фаслҳои сол онро ба бозорҳои мамлакат барорад.

Дар хоҷагии мазкур, ҳамчунин, сардхонаҳо барои нигоҳдории сабзавот, аз ҷумла сабзӣ мавҷуд буда, аҳли заҳмат имсол ба қадри кофӣ ин номгӯй маҳсулоти кишоварзиро захира намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ баъд аз шиносоӣ бо фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ дар шаҳри Турсунзода ба манзили истиқоматии яке аз деҳқонони асил, ангурпарвари номӣ, шодравон Ҳоҷӣ Камол, ки солҳои тӯлонӣ мешинохтанд, ташриф оварда, дуову фотиҳа хонданд.

Дар шаҳри Турсунзода Хоҷагии деҳқонии «Ҳоҷӣ Неъмат» дар майдони 105 гектар замин доман пахн намудааст ва 95,6 гектари онро токзори замонавӣ ташкил медиҳад.

Заҳматкашони хоҷагии деҳқонии «Ҳоҷӣ Неъмат» соли 2015 дар заминаи дастуру ҳидоятҳои раҳнамунсози Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти истифодаи пурсамари замин аз қаламчаҳои дар ниҳолхонаи назди хоҷагӣ парваришкарда ангурҳои навъи «Ҳусайнӣ», «Ғалаба», «Шоҳона», «Пешпазак», «Кишмиши сиёҳу сафед» шинонидаанд ва аз ин ҳисоб ҳосили зиёд ба даст меоранд.

Заҳматкашони ин хоҷагӣ дар шаҳри Турсунзода мактаби махсуси худро доранд ва ҳамасола дар доираи дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон талош мекунанд, ки майдони киштро боз ҳам васеъ намоянд ва дар таъмини амнияти озуқаворӣ саҳм гузоранд.





Дар назди хоҷагӣ, ҳамзамон, сардхона бо ғунҷоиши зиёда аз 500 тонна бо мақсади захираи маҳсулот бунёд гардидааст, ки дорои 12 нуқтаи нигоҳдории маҳсулот мебошад.

Аҳли заҳмати ин хоҷагӣ, ки дар баробари ангурпарварӣ дар соҳаи ниҳолпарварӣ низ таҷрибаи ғанӣ доранд, ҳамзамон, дар як қитъа 20 номгӯй ниҳолҳои ороишию мевадиҳанда парвариш меёбанд, ки барои сарсабз кардани кӯчаю хиёбонҳои шаҳр пешниҳод мегардад.

Дар маҷмӯъ, хоҷагидорони шаҳри Турсунзода дар ҳама бахшҳои соҳаи кишоварзӣ дастовардҳои назарраси меҳнатӣ дошта, дар татбиқи яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат- таъмини амнияти озуқаворӣ фаъолона саҳм мегузоранд.

# Паём аз шукуфоии Ватан

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии мамлакат, ки 26 декабри соли 2019 ироа гардид, ҳамаи паҳлӯҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва соҳаҳои асосии иқтисодию иҷтимоии кишварро аз диди нав мавриди таҳлилу тадқиқ қарор дода, ҳамчун сиёсатмадори таволоню пуртаҷриба дар чунин як давраи пуртазоди ҷаҳонишавӣ сифатҳои нави иҷтимоию иқтисодиро хеле хуб муайян намуданд.**

Паёми навбатии Сардори давлат, дар ҳақиқат, инъикосгари муҳимтарин воқеаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодӣ буда, ҳамчунин, ҷиҳати некӯаҳволии мардум ва пешрафту шукуфоии Тоҷикистон барномаи мукаммал ба ҳисоб меравад. Ин паём таҳлили вусъатноку илман асоснок, паём аз шукуфоии Ватан, ояндаи дурахшони халқу давлат ва рӯзгори пурсаодати мардум аст.

Воқеан, сиёсати иқтисодиву иҷтимоии давлат, чуноне ки имрӯз эҳсос мешавад, ба таъмин кардани рушди устувори иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум, таъмин намудан бо маводи ғизоӣ, беҳбуд бахшидан ба ҳифзи иҷтимоии табақаҳои ниёзманди аҳолӣ ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои тарбияи насли солиму бомаърифат равона шудааст.

Сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдату ягонагии мардуми тоҷик имкон додааст, ки маҷрои рушди иқтисоди миллӣ ба куллӣ тағйир ёбад, барномаҳои нави давлатӣ қабул шаванд, сохтори давлатдориамон, ки асоси онро принсипи адолати иҷтимоӣ ташкил медиҳад, мустаҳкамтар гардад, иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ба кор андохта шаванд, сокинони мамлакат дар ҳамаи фаслҳои сол бо неруи барқ таъмин гарданд ва барои рушди минбаъдаи соҳаҳои ҳаётан муҳими кишвар заминаи мусоид фароҳам ояд.

Вобаста ба ин, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми ироаи Паём чунин иброз намуданд: ***«Бовар дорам, ки то ҷашни муқаддасу бузурги миллиамон – 30 – солагии Истиқлолияти давлатӣ мо боз корҳои зиёди бунёдгаронаро амалӣ мекунем, тамоми захираву имкониятҳоро барои бунёди корхонаҳои хурду бузург сафарбар менамоем, барои ҳамватанонамон ҷойҳои нави корӣ муҳайё месозем ва сатҳи некӯаҳволии халқамонро боз ҳам беҳтар мегардонем».***

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, чуноне мебинем, фаъолияти худро имрӯз ба самти ноил шудан ба ҳадафҳои дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» пешбинигардида равона карда, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумро тавассути ҳалли масъалаҳои пешрафти устувори иқтисодӣ, тақвияти нерӯи инсонӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, тавсеаи имкониятҳои содиротии мамлакат, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, инкишофи бахши хусусӣ ва беҳбуди вазъи бозори меҳнат ҳадафи олии худ эълон намудааст.

Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани ҷумҳурӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат ва саноатикунонии босуръати кишвар, инчунин, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафҳои стратегии худ интихоб намуда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ – индустриалӣ ба шакли индустриалӣ – аграрӣ амалӣ гардонида истодаанд.

Дар натиҷаи тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар соли 2019 суръати афзоиши воқеии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 7,5 фоизро ташкил намудааст ва ин нишондиҳанда аз ҳисоби зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба андозаи 13,4 фоиз, маҳсулоти кишоварзӣ 7,1 фоиз, гардиши савдо 8 фоиз ва хизматрасонии пулакӣ 1,6 фоиз таъмин гардидааст.

Тавре дар Паём зикр шуд, дар ҳафт соли охир рушди иқтисодиёти кишвар ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7 фоиз таъмин гардида, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 45,6 миллиард сомонӣ ба 78 миллиард сомонӣ афзоиш ёфт ва дар ин давра ҳаҷми умумии даромади буҷети давлат қариб ду баробар афзуда, аз 12 миллиард сомонии соли 2013 ба 23 миллиард сомонӣ баробар шуд. Саҳми бахши хусусӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар соли 2013-ум 54 фоиз буд ва ин нишондиҳанда дар соли 2019-ум ба 70 фоиз расид.

Дар робита ба ин, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём чунин таъкид карданд: ***«Ҳукуматро зарур аст, ки дар 7 соли оянда суръати афзоиши воқеии маҷмӯи маҳсулоти дохилиро дар як сол 7-8 фоиз, афзоиши ҳаҷми онро беш аз 1,8 баробар ва бар ҳар сари аҳолӣ 1,7 баробар таъмин намуда, ҷиҳати ба 45 фоиз расонидани ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолӣ ва то 18 фоиз паст намудани сатҳи камбизоатӣ нақшаҳои тасдиқгардидаро босифат амалӣ намояд».***

Бояд гуфт, ки ҷиҳати ҳимояву дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя аз ҷониби Ҳукумати кишвар дар се соли охир дар соҳаҳои саноати сабук, кишоварзӣ дорусозӣ, парандапарварӣ, чорводорӣ, сайёҳӣ ва дигар бахшҳои афзалиятнок иловатан 30 намуди имтиёзу сабукиҳо ҷорӣ гардидаанд. Танҳо дар солҳои 2016-2018 маблағи умумии имтиёзҳои ҷоришуда беш аз 15 миллиард сомониро ташкил намудааст. Дар заминаи ислоҳоти татбиқнамудаи Ҳукумати мамлакат дар се соли охир шумораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор шаш баробар кам шудааст.

Роҳбари давлат, вобаста ба ин, чунин қайд карданд: ***«Ҳадафи мо аз такмили қонунгузорӣ, ки ба дастгирӣ ва рушди бахши хусусӣ, махсусан, истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ равона гардидааст, ҷорӣ намудани низоми дақиқи андозбандӣ, сода гардонидани расмиёти иҷозатдиҳиву иҷозатномадиҳӣ ва кам кардани шумораи онҳо, ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ва роҳандозии чораҳои ҳавасмандгардонӣ мебошад».*** Дар ин робита, Пешвои миллат таъкид карданд, ки Ҳукумати ҷумҳурӣ ва парламенти кишвар бояд ҳангоми баррасӣ ва такмили қонунгузорӣ, махсусан, зимни таҳияи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ба ин масъалаҳо диққати аввалиндараҷа диҳанд.

Дар Тоҷикистон истеҳсоли 98 фоизи неруи барқ ба соҳаи гидроэнергетика рост меояд. Бино бар ин, кишвари мо аз ҳисоби нишондиҳандаи партови газҳои гулхонаӣ дар ҷаҳон ҷои 135-умро ишғол менамояд, ки ин, албатта, мақоми хеле баланд ва саҳми арзишманди Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти глобалӣ мебошад. Дар нигоҳ доштани сатҳи пасттарини партовҳои зараровар ба мо истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, асосан, гидроэнергетика хуб мусоидат менамояд.

Чуноне ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намуданд: ***«Истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, бахусус, захираҳои об яке аз сарчашмаҳои асосии тавлиди «энергияи сабз» ба ҳисоб меравад. Бо пурра ба кор даромадани Неругоҳи барқи обии «Роғун» Тоҷикистон дар миқёси олам ба қатори се кишвари аввали тавлидкунандаи «энергияи сабз» шомил мегардад».***

Тавре мушоҳида мешавад, Ҳукумати Тоҷикистон вазъи иҷтимоии табақаҳои осебпазири ҷомеаро ҳамеша дар маркази диққати худ қарор дода, вобаста ба рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар барои беҳтар намудани шароити онҳо пайваста чораҷӯӣ карда истодааст. Дар сиёсати иҷтимоии Ҳукумати мамлакат дастгирии молиявии муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва оилаҳои камбизоат афзалият дорад. Дар ҳамин асос ва бо мақсади дастгирии иҷтимоии табақаҳои осебпазири ҷомеа, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ пешниҳод карданд, ки нафақаи шаҳрвандони маъюби то 18- сола, инчунин, дигар гурӯҳҳои маъюбон, ки кор намекунанд ва ба нигоҳубин эҳтиёҷ дошта, ба онҳо дар асоси Қонун «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» нафақаи иҷтимоӣ таъин шудааст, аз 1 сентябри соли 2020 нафақаи онҳо 50 фоиз зиёд карда шуда, андозаи он ба нафақаи нафақагироне, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» муқаррар гардидааст, баробар карда шавад.

Роҳбари давлат, ҳамчунин, ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани шароити иҷтимоии нафақагирони кишвар пешниҳод намуданд, ки аз 1 сентябри соли 2020 ҳадди ақал ва ҳадди ниҳоии нафақа аз рӯи синну сол ва нафақаи заминавӣ, инчунин, нафақаҳои меҳнатии шаҳрвандон 15 фоиз зиёд карда шаванд. Дар баробари ин, музди меҳнати кормандони мақомоти ҳокимияти ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ, инчунин, стипендияи донишҷӯён ва дигар намудҳои стипендия 15 фоиз ва музди меҳнати кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ 10 фоиз зиёд карда шавад.

Таърихи пурифтихори халқи тоҷик як мактаби бузурги худшиносӣ аст. Аз ин рӯ, ҳар яки мо вазифадорем, ки ба он арҷ гузорем, саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву диловарии гузаштагони худро омӯзем ва онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ташвиқ намоем. Бахусус, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ рӯ овардан ба таърих ва огоҳ будан аз аслу насаби хеш барои ҳар як фарди миллат, хусусан, насли наврасу ҷавон заруру ҳатмӣ мебошад.

***«Мо кӣ будани аҷдоду гузаштагони худро бояд донем, ба онҳо арҷ гузорем ва бо насли ориёӣ, яъне ориёитабор будани худ ифтихор кунем»,*** - изҳор карданд Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дар робита ба ин, ба Ҳукумати мамлакат супориш доданд, ки бо мақсади омӯзиши амиқи таърихи пурифтихори халқи тоҷик шоҳасари Бобоҷон Ғафуров китоби «Тоҷикон»-ро аз ҳисоби Фонди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда, то ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ аз номи Роҳбари давлат ба ҳар як оилаи кишвар тӯҳфа намояд.

Дар охир муроҷиати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки гуфтанд: ***«Қарзи имонӣ ва вазифаи виҷдониву инсонии ҳар яки мост, ки истиқлолу озодии давлати тоҷиконро чун неъмати муқаддаси ҳаётамон ва мисли гавҳари бебаҳои зиндагиамон гиромӣ дорем ва барои ҳимояи он ҳамеша омода бошем. Мо бояд ба хотири пешрафти давлати соҳибихтиёрамон ва Ватани аҷдодиамон – Тоҷикистони озоду маҳбуб минбаъд низ сарҷамъона заҳмат кашем ва барои наслҳои ояндаи халқи худ мулки ободе мерос гузорем, то ки онҳо бо натиҷаҳои заҳмати ватандӯстонаи мову шумо ифтихор намоянд»*** тамоми мардуми кишварро хеле рӯҳбаланд намуд ва ҳама барои ободу шукуфоии Ватан дучанд масъулият эҳсос карданд.

Умуман, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат ба ҳама самтҳои соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар дахл карда, ба хотири рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат, таҳкими имкониятҳои иқтисодии он ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии мардуми Тоҷикистон равона гардидааст.

**Мақсуди НЕЪМАТ**
**«Боҷу хироҷ»**

# Ҳолати бақайдгирии низомҳои андозбандӣ



**Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон низомҳои махсуси андозбандӣ ва низомҳои имтиёзноки андозбандиро муқаррар кардааст. Низомҳои махсуси андозбандӣ дар навбати худ ба 4 низом ва низомҳои имтиёзноки андозбандӣ ба 6 зернизом ҷудо мешаванд.**

Бояд қайд намуд, ки низоми умумии андозбандӣ тартиби ҳисоб ва пардохти маблағи андозҳои умумидавлатӣ ва маҳаллии муқарраршудаи Кодекси андозро, ба истисноии низомҳои махсус ва имтиёзноки андозбандӣ, муқаррар менамояд.

Низомҳои махсуси андозбандӣ барои категорияҳои алоҳидаи андозсупорандагон муқаррар гардидааст ва андозсупорандагон уҳдадоранд, ки бо истифода аз низоми махсуси андозбандӣ андозҳои умумидавлатӣ ва маҳаллиро бо тартиби содакардашуда ҳисоб ва ба буҷет пардохт намоянд. Аммо низомҳои имтиёзноки андозбандӣ вобаста ба хусусияти фаъолият, ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт ҷиҳати сармоягузорӣ имтиёзҳо ва афзалиятҳои иловагиро ба андозсупорандагон муқаррар менамояд.

Сарраёсати маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти иҷрои талаботи Фармоиши Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 июни соли 2019, №262 "Бақайдгирии андозсупорандагон вобаста ба низомҳои андозбандӣ" - ро ба ҳолати 1 декабри соли 2019 дар мақомоти ҳудудии андоз мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дод.

Тавре сармутахассиси Сарраёсати маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷомии Абдураҳмон гуфт, бо мақсади таҳлил ва назорати минбаъдаи фаъолияти субъектҳои соҳибкории дар низомҳои махсус ва имтиёзноки андозбандӣ фаъолияткунанда, инчунин, ташкили ягонаи махзани маълумот ва пешбурди мониторинги имтиёзҳои андозӣ, дар доираи лоиҳаи ислоҳоти маъмурикунонии андоз, шурӯъ аз 1 июни соли 2019 модули нави барномаи компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо (СМИИА) "Бақайдгирии андозсупорандагон вобаста ба низомҳои андозбандӣ мавриди амал қарор дода шуд.

Дар асоси талаботи Фармоиши Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ҳудудии андоз вазифадор гардидаанд, ки тибқи тартиби муқарраршуда барои пурра ба қайд гирифтани субъектҳои соҳибкорӣ вобаста ба низомҳои андозбандӣ чораҷӯӣ намоянд.

Аммо, чуноне ки баррасии натиҷаи фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз дар ин самт нишон медиҳад, новобаста аз семинар - машваратҳои гузаронидашуда ва ҷаласаҳои алоҳидаи корӣ рафти бақайдгирӣ (гурӯҳбандӣ)-и субъектҳои соҳибкорӣ аз рӯи низомҳои андозбандӣ ба охир нарасида, баъзе аз мақомоти ҳудудии андоз то ҳол мақсади чорабинии мазкурро дуруст дарк ва иҷрои фармоиши мазкурро дар сатҳи дахлдор таъмин накардаанд. Ғайр аз ин, на ҳамаи субъектҳои соҳибкориро бо истифода аз модули мазкур ба қайд гирифтаанд.

Таҳлилҳо нишон додаанд, ки аз шумораи 214957 адад субъекти хоҷагидори (бе дарназардошти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва воҳидҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ) аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз дар ин давра 104939 адад ё 49,7 фоиз бо истифода аз модули мазкур ба қайд гирифта шудаанд. Аз ҷумла, аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз амали бақайдгирии 4420 адад ё 96,9 фоизи андозсупорандагони дар низоми умумӣ фаъолияткунанда, 102394 адад ё 48,7 фоизи субъектҳои дар низомҳои махсуси андозбандӣ фаъолияткунанда ва 156 адад ё 66,1 фоизи андозсупорандагони дар низомҳои имтиёзнок фаъолияткунанда гурӯҳбандӣ шудаанд.

Қобили зикр аст, ки нишондиҳандаи пасттари рафти гурӯҳбандии субъектҳо аз рӯи низомҳои андозбандӣ, асосан, дар шаҳру ноҳияҳои Шоҳмансур, Турсунзода, Рашт, Лахш, Рӯдакӣ, Тоҷикобод, Файзобод, Сангвор, Восеъ, Муъминобод, Бохтар, Вахш, Дӯстӣ, Хуросон, Қубодиён, Ҷалолиддини Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҷайҳун, Шаҳритуз, Ёвон, Айнӣ, Зафаробод, Исфара, Конибодом, Мастчоҳ, Панҷакент, Ҷаббор Расулов, Бӯстон, Кӯҳистони Мастчоҳ ва Ашт ба назар мерасад.

Хотиррасон мешавем, ки гурӯҳбандии (бақайдгирӣ) субъектҳои дар низомҳои махсус ва имтиёзноки андозбандӣ фаъолияткунанда дар мақомоти ҳудудии андоз, тавре мушоҳида мешавад, суст ҷараён дорад. Бинобар ин, раёсатҳои дахлдори дастгоҳи марказии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳудудии андозро лозим меояд, ки бо мақсади татбиқи амалии модулҳои мазкур ва ҳамзамон гурӯҳбандии пурраи субъектҳои дар низомҳои андозбандӣ фаъолияткунанда ва таъмини иҷрои Фармоиши Кумитаи андоз дар ин самт чораҳои иловагӣ андешанд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

**Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ ҷиҳати иҷрои фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тамғагузории нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ ва назорати истифодаи тамғаҳо», ки аз 09.08.2016, таҳти №291 ба тасвиб расидааст, дар соли сипаригардида тадбирҳои заруриро рӯи кор гирифтанд.**

# Тамғагузорӣ

## ва истифодаи МНХ дар НФС-ҳо



Тавре муовини сардори Нозироти андози ноҳияи Восеъ Хоҷавалӣ Сафаралиев зикр кард, айни замон дар ҳудуди ноҳияи Восеъ 23 адад нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ (НФС) дар қайди мақомоти андози ноҳия мебошанд. Ҳамаи нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ бо колонкаҳо таъмин гардида, пурра тамғагузорӣ шудаанд. Дар ин давра, аз тарафи кормандони нозироти андози ноҳия бо мақсади ошкор кардани маблағҳои пинҳонӣ, инчунин, вазъи истифодаи МНХ-и дорои ТИЭ дар фаъолияти НФС санҷиш гузаронида шуд.

Рафти санҷиш муайян кард, ки баъзе аз соҳибкорони нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ дар ноҳия аз МНХ –и дорои ТИЭ ба таври бояду шояд истифода намекарданд, ки боиси ҷаримаи онҳо гардид. Х. Сафаралиев дар идома изҳор дошт, ки бештари нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ бо моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷарима гардиданд. Аз ҷумла, ҶДММ «Шералӣ - Қ», ки роҳбариашро Қурбоналӣ Шералиев ба зимма дорад, ҳангоми фаъолияти корӣ аз МНХ-и дорои ТИЭ ва дафтари бақайдгирӣ ба таври дуруст истифода намекард. Дар натиҷаи санҷиш нисбати соҳибкор бо моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкуии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2000 сомонӣ ҷарима таъин гардид. Ба ҳамин монанд, ҶДММ «Азизҷони - Ш» (роҳбараш Азиз Сайфиддинов) фурӯши сӯзишворӣ аз дафтари бақайдгирӣ ва мошини назоратӣ хазинавӣ дорои хотираи фискалӣ истифода намекард. Ҳамин тариқ, нисбати соҳибкор бо моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкуии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2000 сомонӣ ҷарима таъин шуд.

ҶДММ «Ҳоҷӣ - Асомиддин», низ аз ҳамин қабил нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ дар ноҳия мебошад, ки ҳангоми фаъолият аз МНХ-и дорои ТИЭ истифода намекард. Дар натиҷаи санҷиш андозсупоранда бо моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 2000 сомонӣ ҷарима гардид.

Ю. Фирдавс мудири бахши ситонидани қарзи андозҳои нозироти андози ноҳия зикр кард, ки дар 11 моҳи соли 2019 тибқи талаботи моддаҳои 614 – 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати 14 нафар андозсупоранда аз ҷумла, нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ, ки ҳангоми фаъолият аз (МНХ - и дорои ТИЭ) истифода намекарданд, ба маблағи 39 ҳазору 600 сомонӣ протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шуда, қонунвайронкунандаҳо ҷарима гардиданд. Дар ин давра, аз маблағи зикршуда 22 ҳазору 150 сомонӣ пурра ба буҷети давлатӣ пардохт гардидааст.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Италия вводит 3% цифровой налог для технологических гигантов

**Новый налог принесет бюджету страны дополнительные 700 млн. евро в год**

Правительство Италии одобрило новый налог на цифровые корпорации, чья глобальная выручка составляет более 750 млн. в год, а объем продаж в самой Италии составляет не менее 5,5 млн. евро. Как ожидается, новый налог со ставкой 3%, который вступит в силу с 1 января 2020 г., принесет итальянской казне дополнительные 700 млн. евро в год, пишет газета «Коммерасантъ».

Ранее в 2019 г. такой же налог ввела Франция. Стоит отметить, что данный шаг уже вызвал резкую реакцию со стороны США, так как цифровой налог затрагивает в первую очередь крупные американские технологические корпорации: Facebook, Alphabet, Amazon и других. США пригрозили ввести 100% пошлины на ввоз французских вин, сыров и дизайнерских сумок. Такие же меры США грозятся принять и в отношении Италии после вступления там в силу цифрового налога.

**Источник: http://taxpravo.ru**

# Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ: тартиб ва муқаррароти он

**Дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар робита ба ҳуқуқвайронкуниҳои андозӣ оё маълумот доред? Дар ин бора аз мусоҳибаи мо бо сардори шуъбаи Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Кароматулло Ҳазратқулов метавонед маълумот пайдо кунед.**

**- Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар кадом асос муқаррар карда мешавад?**

- Пеш аз ҳама, бояд зикр намоям, ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар асоси ду Кодекс яке Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ муқаррар карда мешавад.

Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 декабри соли 2008 қабул гардида, аз 1 январи соли 2009 мавриди амал қарор гирифтааст. Кодекси мазкур аз ду қисм, ду фасл, 40 боб ва 691 модда иборат мебошад.

Вазифаи асосии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи саломатӣ, таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ, ҳифзи ахлоқи ҷамъиятӣ, солимгардонии муҳити зист, ҳифзи тартиби муқарраргардида, амалӣ кардани ҳокимияти давлатӣ, тартибот ва амнияти ҷамъиятӣ, моликият, ҳимояи манфиатҳои шахси воқеӣ ва шахси ҳуқуқӣ, ҷамъият ва давлат аз ҳуқуқҳои маъмурӣ, инчунин, таъмини саривақтии баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ иборат мебошад.

**- Дар бораи Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ низ метавонед маълумот диҳед?**

- Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 июли соли 2013 таҳти №975 қабул гардида, аз 25 июли соли 2013 пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор гирифтааст. Кодекси мазкур аз ду қисм, шаш фасл, 19 боб ва 248 модда иборат мебошад.

Мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ барои таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, эҳтироми қонун, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини баррасии одилонаи парвандаҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ аз ҷониби суд ва мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахси мансабдор) равона карда мешавад. Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбурди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мувофиқи Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Вазифаҳои қонунгузории мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз муқаррар кардани тартиби барасмиятдарорӣ ва пешбурди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиатҳои қонунии ҷамъият, давлат ва ташкилотҳо, ки аз ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ зарар дидаанд, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани шахси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содиркарда, таъмини баррасии саривақтӣ ва дурусти парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби суд ва мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахси мансабдор), риояи меъёрҳои мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳангоми татбиқи қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, кафолати ҳимояи манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва шахсони дигар, муқаррар кардани тартиби иҷрои қарорҳо оид ба татбиқи ҷазои маъмурӣ ва санадҳо оид ба татбиқи чораҳои таъминикунандаи пешбурди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ иборат мебошад.

**- Мақомоти андоз дар доираи салоҳияти худ, ҳуқуқи барраси намудани кадом моддаҳои Кодекси ҳуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дорад?**

- Мутобиқи талаботи муқарраргардидаи моддаи 121 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти андоз дар доираи ваколатҳои худ парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриеро, ки дар моддаҳои 504, 599 то 618, 620 ва 623 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, баррасӣ менамояд.

**-Ин моддаҳо чиро пешбинӣ мекунанд?**

- **Моддаи 504.** Бидуни аз нав ба қайд гирифтан, фаъолият намудани шахсони ҳуқуқӣ ё бе қайди баҳисобгирӣ фаъолият кардани намояндагӣ ва филиалҳои онҳо.

- **моддаи 599.** Саркашӣ аз пардохтани андоз;

- **моддаи 600.** Иҷро накардани талаботи қонунии шахсони мансабдори мақомоти андоз;

- **моддаи 601.** Риоя накардани мӯҳлати муқарраршудаи пешниҳоди эъломияҳо ва ҳисоботи андоз;

- **моддаи 602.** Риоя накардани тартиби нигоҳ доштан ё нигоҳ надоштани андоз дар манбаи пардохт;



- **моддаи 603.** Риоя накардани мӯҳлати бақайдгузорӣ дар мақомоти андоз;

- **моддаи 603(1).** Риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ;

- **моддаи 604**. Нишон надодан ё нодуруст нишон додани рақами ягонаи мушаххас ва рақами мушаххаси андозсупоранда дар эъломияҳои андоз ва гумрук, ҳисобнома-фактураҳо дигар ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи Кодекси андоз;

- **моддаи 605.** Кам нишон додани маблағи андоз;

- **моддаи 606.** Риоя накардани қоидаҳо вобаста ба пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо;

- **моддаи 607.** Ба мақомоти андоз пешниҳод накардан ё сари вақт пешниҳод накардани санади муқоисавии ҳисоббаробаркуниҳои мутақобила;

- **моддаи 608.** Аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ риоя накардани тартиби кушодани суратҳисобҳо ва муҳлати огоҳ намудани мақомоти андоз оид ба кушодани суратҳисобҳо;

- **моддаи 609.** Аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ сари вақт интиқол накардани маблағи андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ;

- **моддаи 610.** Иҷро накардан ё саривақт иҷро накардани фармоишҳои инкассавии мақомоти андоз дар хусуси рӯёнидани маблағҳои андозсупоранда аз суратҳисоби андозсупоранда ва ё суратҳисоби шахсони сеюм-дебиторҳои андозсупоранда;

- **моддаи 611.** Монеъ шудан ба санҷиши андоз;

- **моддаи 612.** Монеъ шудан ба воридшавии шахси мансабдори мақомоти андоз ба ҳудуди корхона ё бино;

- **моддаи 613.** Риоя накардани тартиби соҳибӣ, истифода ё ихтиёрдории молу мулке, ки аз ҷониби мақомоти андоз ба ҳабс гирифта шудааст;

- **моддаи 614.** Таъмин накардани нигоҳдории ҳуҷҷатҳои вобаста ба истифодаи мошинҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ;

- **моддаи 615.** Риоя накардани тартиби истифодаи мошинҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва баҳисобгирии хазина;

- **моддаи 616.** Ба мақомоти андоз пешниҳод накардани маълумоти зарурӣ;

- **моддаи 617.** Соҳибкории ғайриқонунӣ;

- **моддаи 618.** Соҳибкории сохта;

- **моддаи 620.** Дар муҳлати муқарраршуда пешниҳод накардани ҳисобот ва сари вақт напардохтани андози иҷтимоӣ;

- **моддаи 623.** Беасос рад ё саркашӣ кардан аз пардохти андози иҷтимоӣ.

Моддаҳои номбаршуда, ҳангоми риоя нагардидани талаботи қонунгузории андоз мавриди амал қарор дода, нисбати ҳуқуқвайронкунанда-андозсупоранда парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода, ҷаримаи маъмурӣ татбиқ карда мешавад.

**- Доир ба ҳуқуқвайронкунии соҳаи андоз чӣ гуфта метавонед?**

- Тибқи талаботи моддаҳои 79-80 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқвайронкунии андоз кирдори (амал ё беамалии) зиддиҳуқуқии андозсупорандагон (агентҳои андоз) ва шахсони мансабдори онҳо, инчунин, шахсони мансабдори мақомоти ваколатдор эътироф мешаванд, ки ба иҷро нагардидан ё ба таври дахлдор иҷро нагардидани талаботи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки назорати онҳо ба зиммаи мақомоти андоз вогузор шудааст, оварда расонидаанд. Аз ҷониби андозсупорандагон (агентҳои андоз), шахсони мансабдори онҳо ва шахсони мансабдори мақоми ваколатдор содир шудани ҳуқуқвайронкунии андоз боиси ҷавобгарии пешбининамудаи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

Дар баробари ин, моддаи 80-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои истиснокунандаи ҷавобгарӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии андозро пешбини намудааст, ки шахсро дар ҳолатҳои зерин ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан мумкин нест:

*- аз ҷониби андозсупоранда (агенти андоз) иҷро намудани тавзеҳоти хаттии мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба иҷрои уҳдадориҳои андоз;*

*- аз ҷониби андозсупоранда (агенти андоз) мустақилона бартараф карда шудани ҳуқуқвайронкунии андоз то лаҳзаи нисбат ба вай татбиқ намудани шаклҳои назорати андоз, ки Кодекси мазкур муқаррар намудааст.*

Агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад, ҳангоми мавҷуд будани ҳадди ақал яке аз ҳолатҳои зерин шахсро ба ҷавобгарӣ кашидан мумкин нест:

*- мавҷуд набудани ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии андоз;*

*- мавҷуд набудани гуноҳи шахс дар содир шудани ҳуқуқвайронкунии андоз;*

*- аз ҷониби шахси воқеии дар лаҳзаи содир гардидани кирдор ба 16-солагӣ нарасида содир шудани кирдоре, ки дар он нишонаҳои ҳуқуқвайронкунии андоз мавҷуданд;*

*- гузаштани муҳлати ба ҷавобгарӣ кашидан барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии андоз.*

Мақсади асосии татбиқ намудани муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, таъсири мусбӣ расондан ба интизоми андозсупории андозсупорандагон ва аз ҷониби онҳо риоя гардидани қонунгузории соҳаи андоз ки, барои пешгирии қонуншиканӣ мусоидат мекунад, мебошад.

**Мусоҳиб**
**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

# Рушди фаъолияти соҳибкорӣ



Тибқи маълумоти дастрасшуда аз Нозироти андози шаҳри Хуҷанд шумораи андозсупорандагоне, ки дар асоси патент ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошанд, сол аз сол афзуда истодааст. Масалан, соли 2019 дар нозироти андози шаҳр 1012 нафар соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд. Дар ин хусус сардори гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони тибқи патент фаъолияткунандаи нозироти андози шаҳр Азизҷон Бобомерганов хабар дод. Афзоиши теъдоди соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда дар соли 2019 нисбат ба соли 2018 дар шаҳри Хуҷанд беш аз 360 ададро ташкил додааст. Дар маҷмӯъ, дар шаҳри Хуҷанд шумораи соҳибкорони инфиродии бо патент фаъолияткунанда ба 6 ҳазору 41 нафар расидааст. Дар ин давра аз ин ҳисоб ба буҷети давлатӣ зиёда аз 14,1 миллион сомонӣ маблағ ворид гардидааст, ки аз нақшаи пешбинишуда 120 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Соли 2019, инчунин, барои ситонидани қарзҳои мавҷудаи соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда ба маблағи беш аз 1 миллион сомонӣ 5 ҳазору 416 адад огоҳинома, ба суроғаи андозсупорандагони қарздор ирсол шудаанд. Ҳамчунин, дар якҷоягӣ бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи шаҳри Хуҷанд барои ситонидани қарзи андоз ва пешгирии фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ чораҷӯӣ ва санҷишҳои муштараки амалиётӣ гузаронида шуданд. Дар натиҷа аз ҳисоби огоҳиномаҳои ирсолшуда беш аз 500 ҳазор сомонӣ ба буҷети давлатӣ рӯёнида шуд.

Тибқи талаботи моддаи 19 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шумораи умумии соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда 95 фоизашон бо мақомоти андози шаҳри Хуҷанд санади муқоисавӣ тартиб додаанд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# Баҳисобгирӣ – мувофиқи мақсад



Нозироти андоз дар шаҳри Истиқлол аз ҳисоби ҷамъоварии андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шаҳрвандон ба буҷети давлатӣ дар соли 2019, дар маҷмӯъ, 1 миллиону 77 ҳазору 276 сомонӣ маблағ ворид намудааст. Аз маблағҳои воридшуда ба буҷети давлатӣ 180 ҳазору 66 сомониашро андози замин ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, иҷрои нишондиҳандаҳои ин намуди андоз дар ҷамъбасти соли 2019 беш аз 150 фоиз таъмин гардидааст. Айни ҳол, дар нозироти андози шаҳр аз ҳисоби андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шаҳрвандон қарзи андоз вуҷуд надорад.

Тибқи Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъракаи баҳисобгирии (инвентаризатсияи) объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар шаҳри Истиқлол пурра анҷом дода шудааст. Чи тавре ки сардори шуъбаи ташкили андозбандӣ аз шахсони воқеии нозироти андози шаҳр Шоҳназар Собиров хабар дод, дар ҷараёни баҳисобгирии (инвентаризатсияи) объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ 223 адад амволи ғайриманқули сокинон нав ба қайд гирифта шуданд. Дар натиҷа, ба маблағи 45 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ аз объектҳои ғайриманқули сокинон ҳисоб ва ба буҷети давлатӣ пардохт гардидаанд. Айни замон, теъдоди молу мулки ғайриманқули шаҳрвандон дар шаҳри Истиқлол 2 ҳазору 196 ададро ташкил медиҳад.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# Нақша иҷро шуд, аммо…

**Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ванҷ дар ҷаласаи навбатии худ қабл аз баррасии лоиҳаи буҷети маҳаллӣ барои соли 2020 иҷрои буҷети соли сипаришударо мавриди муҳокима қарор доданд. Ҳаҷми умумии буҷети маҳаллӣ дар соле, ки гузашт, маблағи 27393039 сомониро ташкил дод ва, дар маҷмӯъ, он ба андозаи 101 фоиз таъмин гардид.**

Дар таъмин ва ғанисозии буҷети маҳаллӣ дар баробари дигар идораву муассисаҳои давлатӣ, корхонаҳои ҷамъиятию хусусӣ, ҳамчунин, кормандони нозироти андози ноҳия низ саҳми арзишманд гузоштанд. Сардори нозироти андози ноҳия Акмал Комилов изҳор дошт, ки дар ин давра аз ҳисоби андоз аз фоида 64612 сомонӣ, андоз аз молу мулки ғайраманқул 25512 сомонӣ, андоз аз арзиши иловашуда 82100 сомонӣ, андози низоми содакардашуда 47986 сомонӣ ба буҷет ворид шуд. Дар баъзе аз ҷамоатҳои деҳоти ноҳия андозҳо аз молу мулки ғайрманқул пурра таъмин нашуд ва табиист, ки ин ба иҷрои сифатноки нақшаи қисми даромади буҷет таъсири манфӣ расонид. Аз ин ҳисоб ба буҷет 33197 сомонӣ ворид нагардид.

Коҳиши бақияпулиҳои андоз яке аз роҳҳои афзунгардонии буҷет ба ҳисоб меравад, аммо баъзе аз идораву муассиса ва корхонаҳои қарздори ноҳия қарзи худро барнагардонданд ва аз ин ҳисоб ба буҷет садҳо ҳазор сомонӣ маблағ ворид нагардид. Алъон бақияи қарзи андоз дар ноҳия 227386 сомониро ташкил медиҳад. Кормандони нозироти андози ноҳия борҳо бо роҳбарону сармуҳосибони корхонаҳои қарздор ҳамсуҳбат шудаанд ва аз онҳо тақозо кардаанд, ки бақияпулиҳои андозро баргардонанд, аммо онҳо бо ҳар баҳона пардохти қарзҳоро ба таъхир мегузоранд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ба рушди соҳибкорӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир мекунад. Ҳоло дар ноҳия теъдоди соҳибкорони инфродӣ ба 174 нафар расидааст, ки аз ин 104 нафарашон дар асоси шаҳодатнома фаъолият мекунанд. Аз ҳисоби соҳибкорони бо шаҳодатнома фаъолияткунанда ба буҷет 115135 сомонӣ ворид гардид, ки нисбат ба соли гузашта 337 сомонӣ бештар мебошад. Дар муқоиса ба як соли пеш соҳибкорон ба маблағи 9130 сомонӣ бештар андозро ба буҷет ворид намуданд.

**Довари БОВАР,**
**ВМКБ**

# Асрори муваффақияти миллионерҳо

**(аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

Суруди амрикоие чунин аст: «Агар хоҳӣ, ки орзуят амалӣ шавад, ту бояд орзуи бузург дошта бошӣ». Ин суханҳо на танҳо барои кадом ошиқе гуфта шудаанд, балки барои ҳар яки мову шумо мувофиқанд.

Тасаввур кунед, шумо дар оянда кӣ мешавед, чиро соҳиб мегардед, ё дар ҳаёт ба чӣ корҳо машғул мешавед, ҳеҷ гуна маҳдудияте нест. Танҳо як лаҳза тасаввур кунед, ки ҳамаи он вақт, пул, таҳсилот, таҷриба, дӯстон, робитаҳо ва тамоми захираҳоро, ки барои дар ҳаёт ноил гардидан ба он кӯшиш менамоед, дар ихтиёри шумоянд. Агар имконоти шумо мутлақан маҳдудшаванда мебуд, чӣ гуна ҳаётро барои худ ва оилаи худ бунёд кардан мехостед?

Афкори «ба ақиб аз оянда»-ро дар худ таҷриба кунед. Ин методи тавоное мебошад, ки аз ҷониби занону мардоне, ки нишондиҳандаҳои бузургеро ноил шудаанд, доимо истифода мегарданд. Ин гуна афкор ба хирад ва рафтори шумо таъсири амиқ мегузорад. Методи мазкурро ин гуна амалӣ намоед: Худро барои панҷ сол ба пеш баред.

Тасаввур кунед, ки панҷ сол гузашт ва акнун ҳаёти шумо аз ҳама ҷиҳат беҳтарин аст. Он ба назр чӣ гуна метобад? Шумо ба чӣ кор машғул ҳастед? Дар куҷо кор мекунед? Чӣ миқдор пул кор мекунед?, Дар бонк чӣ қадар маблағ доред?, Тарзи ҳаёти шумо чӣ гуна аст?

Барои худ тарҳи пешомадаро кашед, ки бароиояндаҳои дур нигаронида шуда бошад. Ҳар қадар тарҳи саломатӣ, хушбахтӣ ва рушд дар ҳаёти шумо хубтар ҷилвагар бошад, шумо ҳамон қадар хубтар ба сӯи онҳо ва ҳамаи онҳо ба сӯи шумо ҳаракат хоҳанд кард.

Вақте ки тарҳи аниқи хаёлии ончиро ки шумо ба сӯи он ҳаракат доред, кашида метавонед, онгоҳ шумо ҳамон қадар некандеш ва мақсаднок мегардед, барои расидан ба ҳадафи худ, дар амал татбиқ намудани орзуҳои худ бо ҷидду ҷаҳд кӯшиш ба харҷ медиҳед. Шумо дар як лаҳза имкони табиии эҷодии худро рӯи об мебароред ва як олами ғояҳоеро фикр карда мебароед, ки барои амалӣ шудани орзуҳои бузурги шумо ёрӣ мерасонанд. Барои ҳар як инсон хос аст, ки ба сӯи ҳадафу орзу ва нияту мақсадҳои асосии худ ҳаракат намояд…

**Таҳияи**
**Ш. МУҲАММАДӢ**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Парламентарии в Аргентине заморозят зарплаты и надбавки на полгода



**Парламентарии Аргентины в связи со сложной финансово-экономической ситуацией в стране решили заморозить свои зарплаты и надбавки на полгода, сообщил президент палаты депутатов Серхио Масса.**

В настоящее время страна переживает серьезный экономический кризис. Власти Аргентины разработали закон, который позволит установить социальную справедливость в стране, то есть решить задачу, поставленную новым президентом Альберто Фернандесом. В частности, будет установлен 30%-ный налог на ряд операций в иностранной валюте.

Среди других мер предлагается пересмотр через полгода пенсионной системы в стране, а пока пенсионеры в декабре и январе должны получить прибавку к выплачиваемым им денежным средствам. На полгода продлевается заморозка тарифов, после они также могут быть пересмотрены.

**Источник: https://ria.ru**

# Татбиқи барномаи компютерӣ

**Яке аз сарчашмаҳои иловагие, ки ба ғанӣ гардидани буҷети давлатӣ ва таъмини иҷрои нақшаи андоз аз даромади шахсони воқеӣ мусоидат мекунад, ба андозбандӣ ҷалб кардани иҷорадиҳандагони молу мулки манқул ва ғайриманқул мебошад.**



Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои охир дар доираи “Барномаи рушди маъмурикунонии андоз” бо мақсади бақайдгирӣ ва пурра ба андозбандӣ ҷалб намудани шахсони воқеии ба фаъолияти иҷораи молу мулк машғулбуда, ҳамчунин, ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани маъмурикунонии андоз аз даромади шахсони воқеӣ пайваста корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ ва назоратӣ анҷом медиҳад. Мутаассифона, баъзе аз шахсони воқеӣ, ки аз ҳисоби ба иҷора додани молу мулк даромад ба даст меоранд, барои бақайдгирӣ ба сифати иҷорадиҳандаи молу мулк мустақилона ба мақомоти андоз муроҷиат намекунанд ва дар ҳолатҳои дигар бо мақсади канораҷӯӣ аз андозбандӣ ва дар ҳаҷми кам пардохт намудани маблағи андозҳо дар шартномаҳои иҷора масоҳат ва маблағи воқеии иҷорапулиро дидаю дониста кам нишон медиҳанд.

Тибқи маълумоти дастрасшуда аз Сарраёсати маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 декабри соли 2019 дар мақомоти ҳудудии андоз 16914 нафар шахси воқеӣ ба сифати иҷорадиҳандаи молу мулк ба қайд гирифта шудааст, ки масоҳати умумии объектҳои ба иҷорадодаи онҳо 2153700 метри мураббаъро ташкил дода, маблағи умумии иҷорапулӣ ба 356,7 млн. сомонӣ баробар мебошад. Аз маблағи умумии шартномаҳои ба имзо расонидашуда дар ҳаҷми 46,3 млн. сомонӣ андоз аз даромад ҳисоб карда шуда, дар ин давра пардохти 41,4 млн. сомонии он ба буҷет таъмин гардидааст.

Тибқи муқаррароти қисми 4 моддаи 156 Кодекси андоз шахсони воқеии аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон даромадгиранда, аз ҷумла шахсони воқеии ба фаъолияти иҷорадиҳии молу мулк машғулшуда, уҳдадор мебошанд, ки оид ба андоз аз даромад ҳар сол то 1-уми апрели баъди соли ҳисоботӣ ба мақомоти андоз эъломияи андоз пешниҳод намоянд.

Аз натиҷаи таҳлилҳо бармеояд, ки новобаста аз чораҷӯиҳои мақомоти андоз, ҳанӯз ҳам ҳастанд шахсоне, ки бархилофи талаботи қонунгузорӣ амал намуда, уҳдориҳои андозии худро дар назди буҷет таъмин намекунанд ва ба мақомоти андозии маҳалли қайди худ эъломияҳои андоз аз даромади худро сари вақт пешниҳод наменамоянд. Чунончи, аз 14972 нафар шахси воқеӣ - иҷорадиҳандагони молу мулк бо ҷамъбасти соли 2018 то ҳол 2656 адад ё 17,7 фоиз ба мақомоти андоз эъломия пешниҳод накардаанд.

Қобили зикр аст, ки дар давоми 11 моҳи соли 2019 аз ҷониби мақомоти андоз барои дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қонунгузорӣ пешниҳод накардани эъломияи андоз аз даромади шахсони воқеӣ нисбати 942 нафар тибқи муқаррароти моддаи 601 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи зиёда аз 350 ҳазор сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ гардида, ҳамзамон, эъломияҳои иҷорадиҳандагони молу мулк ба маблағи 15,6 млн. сомонӣ дар мақомоти андоз барқарор шудааст. Аз ин ҳисоб дар фаъолияти соҳибмулкон ба маблағи зиёда аз 2,5 млн. сомонӣ андозҳо ҳисоб ва пардохти он ба буҷет таъмин гардидааст. Корҳои назоратии мақомоти андоз дар ин самт идома доранд.

Тибқи иттилои манбаъ, ҳангоми гузаронидани корҳои таҳлилию назоратӣ аз ҷумла, санҷишҳои амалиётӣ дар давоми 11 моҳи соли 2019 аз ҷониби мақомоти андоз беш аз 1100 ҳолати аз ҷониби шахсони воқеӣ бе қайд дар мақомоти андоз ба иҷора додани объектҳои молу мулки ғайриманқул муайян ва ошкор гардид. Дар натиҷа, шахсони воқеӣ ҳамчун иҷорадиҳандаи молу мулк дар мақомоти андоз расман ба қайд гирифта шуда, дар фаъолияти онҳо аз ҳисоби кам нишон додани маблағи иҷорапулӣ дар шартномаҳои иҷора тибқи талаботи моддаи 103 Кодекси андоз бо меъёри 13% аз манбаи 25,8 млн. сомонӣ дар фаъолияти соҳибмулкон, ҷамъ ба маблағи 2,8 млн. сомонӣ андоз аз даромад ҳисоб ва пардохти 2,2 млн. сомонии он ба буҷет таъмин шудааст.

Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани маъмурикунонии андоз аз даромади шахсони воқеӣ аз ҳисоби ба иҷора додани молу мулки ғайриманқул, пурра ба ҳисоб гирифтани объектҳои молу мулки аз ҷониби шахсони воқеӣ ба иҷорадодашуда, инчунин, оид ба сари вақт ва дуруст дар ҳисобварақаи андозсупорандагон дарҷ намудани маблағҳои ҳисобшавандаи андоз аз даромад, Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2017, №486 “Оиди дар мақомоти андоз ба таври электронӣ ба роҳ мондани бақайдгирии ариза ва шартномаҳои иҷорадиҳандагони молу мулки шахсони воқеӣ” ба имзо расида буд. Дар ин асос модули алоҳидаи компютерӣ «Доир ба бақайдгирии иҷорадиҳандагони молу мулк» таҳия ва аз аввали моҳи марти соли 2018 дар мақомоти ҳудудии андоз мавриди истифода қарор дода шудааст.

Ёдовар мешавем, ки модули мазкур аз ду қисмат - қисмати “андозсупоранда” ва “мақомоти андоз” иборат мебошад. Барои дастрасӣ ба модули компютерӣ ва пешниҳоди аризаи электронӣ ҷиҳати бақайдгирии объектҳои молу мулк, барои иҷорадиҳандагони молу мулк имконият фароҳам оварда шудааст, ки аз хизматрасониҳои мақомоти андоз, ки дар сомонаи расмии Кумитаи андоз мавҷуд мебошад, истифода кунанд ва аз қайди бақисобгирии мақомоти андоз гузашта, баъди пур намудани аризаи электронӣ, онро бе ҳозир шудан ба мақомоти андоз, ирсол намоянд. Ҳамзамон, барои аз қайд баровардани объектҳои ба иҷорадодаи худ тариқи электронӣ муроҷиат намоянд.

Бо истифодаи ин модул иҷорадиҳандагони молу мулк метавонанд дар як вақт якчанд объектҳои ба иҷорадодаи худро дар шакли электронӣ ба қайд гирифта, маблағҳои ҳисобшавандаи андоз аз даромад, андоз аз объектҳои молу мулк ва қитъаҳои заминро аз рӯи ҳар як намуди андоз дар ҳисобварақаҳои худ аз назар гузаронанд.

Модули компютерӣ «Доир ба бақайдгирии иҷорадиҳандагони молу мулк» ба мақомоти андоз имконият медиҳад, ки баҳисобгирӣ ва бекор кардани баҳисобгирии шахсони воқеӣ ба сифати иҷорадиҳандаи молу мулки манқул ва ғайриманқул, ташаккули ҳисобварақаҳо аз рӯи намуди андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ва андоз аз даромад, тартиб додани санади муқоисавӣ ва пешбурди Феҳристи ягонаи иҷорадиҳандагон аз рӯи намуди объектҳои молу мулки ғайриманқул тариқи электронӣ ба роҳ монда шуда, назорати минбаъдаи фаъолияти иҷорагирон ва иҷорадиҳандагон пайгирӣ шавад. Илова бар ин, ба иҷорадиҳандагон барои сари вақт пешниҳод накардани эъломияҳои андоз аз даромад ва пардохт накардани маблағи андоз, тариқи электронӣ огоҳиномаҳо ирсол гардад. Дар модул шакли намунавии шартномаи иҷора ҷойгир шуда, объектҳои молу мулк, вобаста ба ҳар як иҷорагир, дар алоҳидагӣ ба қайд гирифта мешавад.

Ғайр аз ин, ҳангоми пур кардани ариза ҷиҳати бақайдгирӣ ба сифати иҷорадиҳандаи молу мулк дар мақомоти андоз ворид намудани маълумот вобаста ба суроғаи электронӣ ва телефони мобилии иҷорадиҳандагони молу мулк ба таври ҳатмӣ пешбинӣ гардидааст. Мақсад аз ҷой додани суроғаи электронӣ ва телефони мобилӣ дар аризаи бақайдгирӣ, асосан, баланд бардоштани сатҳ ва сифати хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва сарфаи вақти корӣ, инчунин, тариқи электронӣ огоҳ намудани андозсупорандагон - иҷорадиҳандагони молу мулк тариқи СМС –паём оид ба пардохти сариваќтии маблағи андозҳо ва дар мӯҳлатҳои муқарраршуда сари вақт пешниҳод намудани эъломияи андоз аз даромад ба мақомоти андоз ва ҳамзамон, бехтар намудани кор дар ин самт ба ҳисоб меравад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар давоми 11 моҳи соли 2019 бо истифода аз модули компютерии мазкур аз шумораи умумии иҷорадиҳандагон маълумоти 15351 нуқтаи ба иҷорадодаи шахсони воқеӣ ба махзани маълумот ворид шудааст.

Бо дарназардошти мавриди истифода қарор додани модули алоҳидаи барномаи компютерӣ оид ба баҳисобгирии шахсони воқеие, ки ба фаъолияти иҷорадиҳии молу мулк машғул мебошанд, маъмурикунонии он дар мақомоти андоз то дараҷае беҳтар гардида, дар ин самт махзани ягонаи иҷорадиҳандагони молу мулк таҳия ва шумораи иҷорадиҳандагони дар қайди мақомоти андозбуда дар соли 2019 нисбат ба соли 2015 – ум 9100 адад зиёд гаштааст ва маблағи умумии иҷорапулӣ дар ин давра дар ҳаҷми 243,4 млн. сомонӣ ва маблағи андоз аз даромади ҳисобшуда дар соли 2019 нисбат ба соли 2015 ба андозаи 31,6 млн. сомонӣ афзоиш ёфтааст. Маблағи миёнаи иҷорапулӣ ба як метри мураббаъ дар шаҳри Душанбе ба 45,6 сомонӣ баробар мебошад, ки нисбат ба маблағи миёнаи иҷорапулӣ дар соли 2015-ум 24 сомонӣ зиёд мебошад.

Таҳлилҳои гузаронидашуда аз рӯи таъиноти объектҳои ба иҷорадодашуда нишон додаанд, ки дар ҷумҳурӣ зиёда аз 2500 адад объект ҳамчун хонаи истиқоматӣ, 10820 адад ҳамчун нуқтаи тиҷоратӣ ва 1966 адад ҳамчун дигар объектҳои молу мулк аз тарафи шахсони воқеӣ ба иҷора дода шудааст.

Вобаста ба ин, аз тамоми шаҳрвандоне, ки объектҳои молу мулки худро ба иҷора додаанд, даъват ба амал оварда мешавад, ки ҷиҳати роҳ надодан ба қонуншиканиҳои андозӣ фаъолияти худро дар доираи талаботи қонунгузорӣ дуруст ба роҳ монда, ҳангоми ба иҷора додани объектҳои молу мулк ҳатман ба мақомоти андоз муроҷиат кунанд ва худро ҳамчун иҷорадиҳанда дар мақомоти андоз расман ба қайд бигиранд ва уҳдадории андозии худро сари вақт дар ҳаҷми пурра иҷро намоянд.

Ҳамзамон, аз ҳамаи шаҳрвандон ва субъектҳои хоҷагидор низ даъват карда мешавад, ки ҳангоми ба иҷора гирифтани объекти молу мулк ба нишондоди маблағи воқеии иҷорапулие, ки ҳамчун иҷорагир ба иҷорадиҳанда маблағи ҳаққи иҷорапулиро пардохт менамоянд, диққат диҳанд. Дар сурати ошкор кардани ҳолатҳои аз ҷониби иҷорадиҳанда дар шартномаи иҷора дарҷ накардани маблағи воқеии иҷорапулӣ ё эҳтимолияти бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти иҷорадиҳии молу мулк машғул гардидани шахсони воқеӣ ба Бахши иттилооти Кумитаи андоз бо рақами содакардашудаи “151” муроҷиат намоянд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Назорати камералӣ – омили пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз

**17 – уми сентябри соли 2019 Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба назорати камералӣ» таҳти №434 ба тасвиб расид. Оид ба мафҳуму моҳият ва шарҳи пурраи Фармоиши мазкур бо сардори шуъбаи назорати камералии Сарраёсати назорати андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Равшан Азимов суҳбат намудем, ки фишурдаи онро пешкаш менамоем.**

**- Сараввал мегуфтед, ки мафҳуми назорати камералӣ чиро ифода мекунад ва мақсади он аз чӣ иборат аст?**

- Тибқи муқарррароти қонунгузории андоз назорати андоз шакли назорати давлатӣ буда, аз ҷониби мақомоти андоз бо мақсади иҷрои меъёрҳои қонунгузории андози Тоҷикистон ва дигар қонунҳо, ки назорати онҳо ба зиммаи мақомоти андоз вогузор шудааст, амалӣ карда мешавад.

Яке аз самтҳои асосии корҳои назоратии мақомоти андоз гузаронидани назорати камералӣ дар фаъолияти соҳибкорон ба ҳисоб меравад. Назорати камералӣ-шакли назорати андоз буда, аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳисоботи андози пешниҳоднамудаи андозсупоранда, маълумоти мақоми ваколатдор ва дигар ҳуҷҷатҳо дар маҳалли ҷойгиршавии мақомоти андоз бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз гузаронида мешавад.

Мақсади асосии гузаронидани назорати камералӣ пешгирӣ намудани қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупоранда ва додани имконият ба андозсупоранда барои то оғози санҷиши маҷмӯии андоз бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва пешгирӣ аз татбиқи ҷаримаҳои маъмурӣ нисбат ба андозсупоранда мебошад. Бояд гуфт, ки назорати камералӣ санҷиши андоз нест.

Назорати камералӣ қисми таркибии низоми идоракунии хавфҳо буда, бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз ва (ё) пардохтҳо гузаронида мешавад. Назорати камералӣ ба андозсупорандагон имконият медиҳад, ки то давраи санҷиши ҳуҷҷатии андоз номутобиқатиҳои дар эъломияҳои (ҳисоботи) андоз ва (ё) пардохтҳо ҷойдоштаро бо роҳи пешниҳоди эъломияҳои иловагии андоз ва ҳисобот мустақилона ислоҳ намоянд. Назорати камералӣ танҳо дар биноҳои маъмурии мақомоти андоз аз ҷониби кормандони мақомоти андоз гузаронида мешавад. Гузаронидани назорати камералӣ берун аз бинои маъмурии мақомоти андоз манъ аст.

Зимни гузаронидани назорати камералӣ, даъвати андозсупоранда (ё шахсони масъули андозсупоранда), ба истиснои ихтиёран ба мақомоти андоз ҳозир шудани андозсупоранда манъ аст. Назорати камералӣ барои давраи муайяни андоз баъди гузашти мӯҳлати пешниҳоди эъломияи (ҳисоботи) андоз, ки Кодекси андоз муқаррар намудааст, гузаронида мешавад.

**- Кадом санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои гузаронидани назорати камералӣ асос шуда метавонанд?**

- Мақомоти андоз барои амалӣ намудани назорати камералӣ дар асоси талаботи моддаҳои 37 ва 89 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба назорати камералӣ» аз 17.09.2019 №434, Фармоиш «Оид ба Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон» аз 27.11.2012 № 336 ва дигар мактубҳои дастурии Кумитаи андоз вобаста ба гузаронидани назорати камералӣ таҳияшуда, амалӣ карда мешавад.

Назорати камералии ҳисоботи андозсупоранда, ҳамчун хизматрасонии мақомоти андоз тибқи Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дар доираи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фармоиши зикргардида, ба таври доимӣ яке аз вазифаҳои хизматии функсионалии кормандони мақомоти ҳудудии андоз ба ҳисоб рафта, амалӣ мегардад. Назорати камералӣ аз тарафи кормандони мақомоти андоз дар асоси вазифаҳои хизматии функсионалӣ, бе ягон қарори махсуси (амрнома)-и роҳбари мақомоти андоз, амалӣ карда мешавад.

**- Ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ асосан, кадом ҳолатҳо зери назорат қарор мегиранд?**

- Ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ ҳолати баҳисобгирии (қайди андозӣ) объектҳои андозбандӣ ва ба андозбандӣ алоқаманд, ҳолати пешниҳоди эъломияҳои (ҳисоботи) андоз, дурустии пур кардани реквизитҳои эъломияи (ҳисоботи) андоз, риояи тартиби пур кардани сатр ва сутунҳои эъломияҳои (ҳисоботи) андоз, пурра ва мукаммал нишон додани маълумот дар эъломияҳо, дурустӣ ва мукаммалии ҳисоби андозҳо, ки андозсупоранда дар эъломияҳои (ҳисоботи) андоз дарҷ намудааст, мутобиқатии нишондиҳандаҳои дар эъломияҳои (ҳисоботи) андоз дарҷгардида, нисбат ба замимаҳои эъломияҳо, дигар ҳуҷҷатҳо ё маълумоти дар мақомоти андоз нисбати фаъолияти андозсупоранда ҷойдошта, назорати мутобиқатии нишондиҳандаҳои эъломияҳои андози бо ҳамдигар алоқаманд, бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда, қонунӣ будани истифодаи низомҳои андоз, асоснокии истифодаи меъёрҳои андоз, алоқамандии нишондиҳандаҳои тавозуни муҳосибӣ ба мақомоти андоз пешниҳодгардида бо эъломияҳои андоз, муқоисаи нишондиҳандаҳои эъломияҳои (ҳисоботи) андоз бо нишондиҳандаҳои давраҳои ҳисоботии гузашта ва нишондиҳандаҳои андозсупорандагони шабеҳи фаъолият, мутобиқатии даромади умумии дар эъломияҳои андоз аз фоида, андоз аз арзиши иловашуда, андози низоми содакардашуда нисбат ба маълумоти дар анбори электронӣ дар маҳзани барномаи компютерии СМИИА ҷойдошта вобаста ба таҳвили молҳо, асоснокии маълумот оид ба таҳвили молҳои дар ҳисобнома – фактураи андоз аз арзиши иловашуда дарҷгардида ва муқоисаи онҳо бо маълумоти барономаи анбори электронӣ, ба ҳисоб нагирифтани амалиёт аз рӯи ҳисобнома – фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва маблағи андози он, бинобар бо андозсупорандаи бемасъулият анҷом додани амалиётҳо,асоснокии баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда дар доираи амалиётҳои андозбандишаванда, аз ҷумла баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда вобаста ба воридоти молҳо, мутобиқатии маълумоти оморӣ ва омори гумрукӣ, андозсупорандагони ҳамшабеҳи фаъолият, аз ҷумла вобаста ба нархи бозорӣ нисбат ба маълумоти дар эъломияҳои андоз дарҷшуда дар давраҳои муайяни андоз, тибқи талаботи Кодекси андоз баҳодиҳии моҳияти иқтисодӣ доштан ва ё надоштани амалиёти анҷомдодашуда бо мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда, баррасии асоснокии истифодаи имтиёзҳои (тарҳҳои) андозӣ, эътимоднокии таркиби хароҷот ва дигар тарҳҳои андозӣ, баҳодиҳии нишондиҳандаҳои ҳисоботи муҳосибӣ бо эъломияҳои андоз аз нуқтаи назари мутобиқати маълумоти дар мақомоти андоз мавҷудбуда ва маълумот оид ба фаъолияти молиявӣ – хоҷагидории андозсупоранда, ки аз дигар манбаъҳо дастрас шудааст ва дигар ҳолатҳои (маълумоти) барои иҷрои пурра ва саривақтии уҳдадориҳои ба андоз алоқаманд, таҳти назорат қарор дода мешаванд

**- Ҳангоми ошкор шудани қонуншиканиҳо андозсупоранда чӣ гуна чораҷӯӣ мешавад?**

- Агар дар натиҷаи муқоисаи эъломияҳои андози пешниҳоднамудаи андозсупоранда ва маълумоти аз дигар манбаъҳо дастрасшуда ҷой доштани ҳолатҳои эҳтимолии қонунвайронкуниҳои андоз ошкор гардад, аз ҷониби мақомоти андоз тибқи тартиби муқаррargардида ба андозсупоранда оиди дар мӯҳлати 10 рӯз бо роҳи пешниҳоди эъломияҳои иловагии андоз мустақилона бартараф намудани номутобиқатиҳои ҷойдошта ва ё пешниҳоди тавзеҳоти асосноки хаттӣ огоҳинома ирсол карда мешавад.

Баъд аз баррасии маълумот ва ҳуҷҷатҳои илова пешниҳоднамудаи андозсупоранда, инчунин, мувофиқи дигар маълумоти дастрасгардида, агар ҳолатҳои эҳтимолии қонунвайронкуниҳои андоз тасдиқи пешакии худро ёбанд, маълумотномаи назорати камералӣ тартиб дода мешавад. Маълумотномаи назорати камералӣ тариқи электронӣ ва ё хаттӣ (аз ҷумла тавассути почта) ба андозсупоранда дастрас мегардад. Дар маълумотномаи назорати камералӣ гирифтани дастхати андозсупоранда ҳатмӣ нест. Дар сурати аз ҷониби андозсупоранда пас аз 10 рӯзи дастрас шудани маълумотномаи назорати камералӣ номутобиқатиҳои дар эъломияҳои андоз ҷойдошта мустақилона бартараф ва аз натиҷаи назорати камералӣ қарори дахлдор қабул карда мешавад.

**- Баррасӣ намудани тавзеҳот, ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда ва ҷамъоварии маълумоти иловагӣ бо кадом тартиб сурат мегирад?**

- Корманди мақомоти андозе, ки назорати камералиро мегузаронад, дар навбати худ вазифадор аст, ки тавзеҳот ва ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи андозсупорандаро баррасӣ намояд. Баъди баррасии тавзеҳот ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардидаи андозсупоранда ё дар ҳолати набудани тавзеҳоти андозсупоранда, агар мақомоти андоз далелҳои қонуншикании андоз ё дигар вайронкуниҳои қонунгузориро оид ба андоз ва пардохтҳо муайян намоянд, шахси мансабдори мақомоти андоз вазифадор мешавад, ки санади назорати камералиро тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андоз барои санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз тартиб диҳад.

**- Тартиб ва ба расмиятдарории қарори санади назорати камералӣ чӣ гуна аст?**

- Санади назорати камералиро тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андоз барои санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз тартиб медиҳанд. Агар мақомоти андоз дар эъломияҳои андози (ҳисоботи) пешниҳоднамудаи андозсупоранда хато ва ё номутобиқатиро ошкор насозад, санад тартиб дода намешавад.

Тартиби барасмиятдарории натиҷаи назорати камералӣ аз ошкор шудан ё нашудани хато дар ҳуҷҷатҳои пуркардашуда ё мухолифат байни маълумоти дар онҳо мавҷудбуда вобаста аст. Агар хато ва мухолифат мавҷуд набошад, нозир дар эъломия имзо гузошта, дар варақи якум санаи назоратро дарҷ менамояд. Дар ҳолати муайян намудани маблағи иловагӣ мақомоти андоз вазифадор карда мешавад, ки андозсупорандаро огоҳ намояд.

Инчунин, ҳангоми ба охир расидани назорат, агар хато ошкор гардад, нозир вазифадор аст санад тартиб диҳад. Санад дар ду нусха тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андоз тартиб дода мешавад. Дар санад бояд тамоми маълумот ва талаботе, ки тибқи муқаррароти Кодекси андоз барои таҳияи санади санҷиши андоз зарур аст, дарҷ карда шавад. Санад аз ҷониби нозир ва андозсупоранда ва ё намояндаи вай имзо карда мешавад.

Дар асоси меъёрҳои зикршуда санади назорати камералӣ аз қисмҳои зерин иборат мебошад:

- қисми умумӣ;
- қисми шарҳдиҳӣ (ошкоркунии далелҳо);
- қисми хулосавӣ (натиҷагирии мақомоти андоз, пешниҳодҳо оид ба бартараф намудани камбудиҳо бо нишон додани моддаҳо оид ба масъул будан барои чунин ҳуқуқвайронкунӣ).

**- Барои ҳуқуқвайронкуниҳои андозӣ нисбати андозсупоранда чӣ тадбир андешида мешавад?**

- Дар қарор оид ба гузаронидани чораҳои иловагии назорати андоз ҳолатҳое, ки сабаби зарурати гузаронидани чунин чорабинӣ гаштааст, дарҷ карда мешаванд, инчунин, қарор оид ба таъин намудани чораҳои мушаххаси назорати андоз қабул карда мешавад.

Нусхаи қарори мақомоти андоз ба андозсупоранда ва ё намояндаи вай дода шуда, имзояш гирифта мешавад. Нусхаи қарор метавонад бо дигар роҳ, ки санаи қабули он аз ҷониби андозсупоранда ва ё намояндаи он шаҳодат диҳад, равон карда мешавад. Агар бо чунин тарз пешниҳоди қарор ба андозсупоранда ва ё намояндаи он ғайриимкон гардад, қарор аз тариқи почта бо мактуби фармоишӣ равон карда мешавад. Мактуб баъди равон кардан, ҳамчун қабулшуда ба ҳисоб меравад. Дар мӯҳлати даҳ рӯз баъд аз давраи баровардани қарор мақомоти андоз аз андозсупоранда пардохти андозҳо, ҷарима ва фоизҳоро, ки пурра ва ё қисман пардохт нагардидаанд, талаб менамояд.

Бояд қайд намуд, ки дар рафти гузаронидани корҳои назоратӣ дар фаъолияти баъзе андозсупорандагон ҳолатҳои саркашӣ аз андозсупорӣ ва фактҳои қонунвайронкуниҳои андоз, ҳамчунин, бо андозсупорандагони бемасъулият анҷом додани амалиётҳои иқтисодии моҳияти иқтисоди надошта мушоҳида мешавад, ки ин шакли назорат барои расонидани кӯмак ба назорати андоз таҳия шудааст.

**Мусоҳиб**
**Мазҳаб ҶУМЪА**

# Тартиби андозбандии соҳибкории хурд ва миёна



**Фаъолияти соҳибкорӣ чӣ гуна ва дар кадом асос оғоз меёбад? Андозбандии соҳибкории хурд ва миёна бо кадом тартиб сурат мегирад? Муносибатҳои андозӣ чӣ тавр танзим мегарданд?**

**Барои посухи мушаххас ёфтан ба ин саволҳо ва масъалаҳои дигари марбут ба андозбандии соҳибкорӣ суҳбате доштем бо сардори бахши рушди маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Собир Вазиров, ки онро пешкаши хонандагони рӯзнома мекунем.**

**- Фаъолияти соҳибкорӣ, асосан, бо кадом тартиб оғоз меёбад?**

- Дар асоси моддаи 8 Кодекси андоз барои мақсадҳои андозбандӣ ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ фаъолияти мустақиле дониста мешавад, ки таҳти таваккали худи шахсоне, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ бояд ба ҳамин сифат ба қайди давлатӣ гирифта шаванд, амалӣ карда мешавад ва барои ба даст овардани фоидаи (даромади, ҷуброни) мунтазам аз истифодаи молу мулк, фурӯши молҳо, иҷрои корҳо ё хизматрасонӣ равона гардидааст.

Дар кишвари мо бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва сохибкорони инфиродӣ" аз ҷониби мақомоти андоз аз рӯи принсипи "Равзани ягона" анҷом дода мешавад.

Айни замон, мӯҳлати бақайдгирии шахсӣ ҳуқуқӣ, филиал ва намояндагиҳои шахсӣ ҳуқуқии хориҷӣ то 5 рӯз ва барои соҳибкорони инфиродӣ то 3 рӯз амалӣ карда мешавад. Ба замми ин, дар асоси моддаи 25 Кодекси андоз бо мақсадҳои таъмини назорати андоз ҳамаи андозсупорандагон бояд дар мақомоти андоз ба бақисобгирӣ (ба қайди андозӣ) гузошта шаванд. Андозсупорандагон, агентҳои андоз, аз ҷумла воҳидҳои алоҳидаи таъсиснамудаи онҳо (филиалҳо, намояндагиҳо, муассисаҳои доимӣ ва ғайра), инчунин, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба синни 16 расидаанд, бояд дар мақомоти андоз ба ҳисоб гирифта шаванд.

**- Баъд аз ба қайди давлатӣ гирифтани фаъолияти соҳибкорӣ дар низоми соддакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд андозбандӣ чӣ тавр сурат мегирад?**

- Баъд аз бақайдгирӣ, мувофиқи Кодекси андоз шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ,ки бо шаҳодатнома фаъолият менамоянд,дар низоми соддакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд фаъолият карда, то расидан ба ҳадди даромад дар давраи 12 моҳи пай дар пай ба 1 млн. сомонӣ андози низоми соддакардашударо барои фаъолият оид ба истеҳсоли молҳо бо меъёри 5% ва барои намудҳои дигари фаъолият бо меъёри 6% пардохт мекунад. Дар низоми мазкур давраи андоз семоҳа муқаррар шудааст.

Аммо супорандаи андози низоми содакардашуда пардохткунандаи чунин андозҳо ба ҳисоб намеравад:

- андоз аз фоида,ба истисноӣ даромадҳое, ки аз онҳо андоз дар манбаи пардохт ситонида мешавад;
- андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард;
- андоз аз даромад, аз даромадҳои бевоситаи соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, ба истисноӣ даромадҳое,ки дар манбаи пардохт ситонида мешавад.

Дар баробари ин, андози низоми содакардашуда нисбат ба фондҳои инвеститсионӣ, иштирокчиёни касби бозори коғазҳои қиматнок,ташкилоти суғуртавӣ ва қарзӣ, ташкилоти маблағгузории хурд, ломбардҳо, истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ, ташкилоти миёнаравӣ (дар асоси шартномаҳои комиссия, супориш ва шартномаҳои миёнаравии дигар амалкунанда) татбиқ намегардад. Субъектҳои мазкур, аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ ба низоми умумии андозбандӣ гузашта, ҳамчун супорандагони андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гирифта мешаванд.

**- Дар низоми умумии андозбандӣ субъектҳои соҳибкорӣ кадом намуди андозҳоро пардохт мекунанд ва дорои кадом имтиёзҳо шуда метавонанд?**

- Дар низоми умумии андозбандӣ субъектҳои хоҷагидор андоз аз фоида, андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз истфодабарандагони роҳҳои автомобилгардро пардохт мекунанд.

Дар баробари ин, дар низоми умумӣ барои соҳаҳои гуногуни фаъляит имтиёзҳои зиёди андозӣ пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла:

- мутобиқи моддаи 110 Кодекси андоз корхонаҳои нави молистеҳсолкунанда (инчунин, корхонаҳои саноатӣ) ҳангоми аз ҷониби муассисони онҳо дар мӯҳлати 12 моҳи тақвимии аз санаи ибтидоии бақайдгирии давлатӣ ба фонди оинномавии чунин корхонаҳо ворид намудани ҳаҷмҳои дахлдори сармоягузориҳо ба мӯҳлати то 5 сол аз пардохти андоз аз фоида озод мебошанд;
- даромадҳо аз фаъолияти сайёҳӣ ба мӯҳлати 5 сол аз санаи бақайдгирии давлатӣ аз пардохти андоз аз фоида озод мебошанд;

Воридоти молҳои зерин аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод мебошанд:

- таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонии иншооти сайёҳӣ (аз ҷумла меҳмонхона,осоишгоҳ ва истироҳатгоҳҳои табобатӣ, марказҳои саёҳӣ ва дигар иншооти сайёҳӣ (аз ҷумла меҳмонхона, осоишгоҳ ва истроҳатгоҳҳои табобатӣ, марказҳои сайёҳӣ ва дигар иншооти сайёҳӣ) аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод мебошанд;
- таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маҳсулоти такмилии (комплектии) онҳо, ки маҷмӯи ягонаро ташкил медиҳанд, аз ҷумла дар асоси шартҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) барои ташаккул ё пурра кардани фонди (сармояи) оинномавии корхонаҳо ё азнавтаҷҳизонии техникии истеҳсолоти амалкунанда:
- ашёи хом (фурнитура) барои истеҳсоли либоси мактабӣ ба корхонаҳои дӯзандагӣ;
- маводу лавозимот барои истеҳсоли доруворӣ;
- технологияҳои навтарин барои корхонаҳои дорусозӣ ва таҷҳизоти ҳозиразамони ташхису табобат;
- технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳаи парандапарварӣ ва (ё) ҳангоми ворид намудани молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худи корхонаҳои парандапарварӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи паранда ва чорво;

Ҳамчунин, воридот ва таҳвили минбаъдаи автомашинаҳои нав (аз санаи барориш 1 (як) сол нагузашта, масофаи тайнамудаашон то 10 (даҳ) ҳазор километр бошад)бо мавқеи молии 8702, 8703, 8704 ва 8705 аз пардохти 50 фоизи маблағи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо озод мебошанд.

**- Барои дастгирии рушди соҳаҳои афзалиятноки кишвар дар Кодекси андоз боз кадом низомҳо муқаррар гардидаанд?**

- Кодекси андоз бо мақсади дастгирии сармоягузорон ва ҳавасмандгардонии онҳо ба сармоягузорӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти ҷумҳурӣ 6 низоми имтиёзноки андоз пешбинӣ гардидааст.

- Барои корхонаҳои навтаъсис ва амалкунанда,ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта то маҳсулоти ниҳоӣ машғул мебошанд,ба мӯҳлати 12 сол озодкуни аз андоз аз фоида, андози низоми содакардашуда ва андозҳо аз молу мулки ғайриманқул, андоз аз арзиши иловашуда ва боҷҳои гумрукӣ барои воридоти молҳое, ки бевосита барои зарурати худи чунин корхонаҳо истифода мегарданд, пешбинӣ шудааст (моддаи 313 КА);
- Мутобиқи муқаррароти қисми 10 моддаи 313 Кодекси андоз, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад барои корхонаҳои навтаъсиси коркарди саноатии пӯст, пашм, абрешими хом ва дигар ашёи хоми соҳаи кишоварзӣ ба маҳсулоти ниҳоӣ ба мӯҳлати то 5 сол имтиёзҳо оид ба андоз аз фоида (андози низоми содакардашуда) ва андозҳо аз молу мулки ғайриманқул (андози замин ва андоз барои объектҳои ғайриманқул) пешниҳод намояд. Чунин корхонаҳо, инчунин, ҳангоми воридоти молҳо, ки бевосита барои эҳтиёҷоти онҳо ворид мешаванд, аз пардохти ААИ ва боҷи гумрукӣ озод мешаванд;
- корхонаҳои парандапарварӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи паранда ва чорво ба мӯҳлати 6 сол аз супоридани андоз аз фоида, андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ва андозҳо аз молу мулки ғайриманқул озод мебошанд.

Илова бар ин, тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон"Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот", "Дар бораи созишномаҳои сармоягузорӣ" ва "Дар бораи консессияҳо"ки аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд, барои сармоягузорон имтиёзҳои андозии иловагӣ пешбинӣ мешавад.

Дар маҷмӯъ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соҳибкории хурд шароити хуб фароҳам оварда, баҳри рушди минбаъдаи он, имтиёзҳои зиёди андозӣ пешбинӣ кардааст.

*Лутфия ҲАМИДОВА*

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# В Турции самостоятельным туристам придется лично оплачивать налог

Путешественники, которые забронируют отель в Турции напрямую или через онлайн-платформы, будут платить налог самостоятельно, у клиентов туроператоров он будет включен в стоимость пакета, сообщает АТОР.

Первый в истории Турции туристический налог будет взиматься с 1 апреля 2020 года. В отличие от других стран, один процент от суммы проживания будет прибавлен к стоимости размещения туристов с учетом всех оказываемых услуг.

Официальных разъяснений по схеме взимания налога у гостиниц пока нет: их ожидают во второй половине января.

Однако, по информации турецких отельеров, они получили предварительные разъяснения от отраслевой ассоциации. Согласно им, клиенты, которые забронируют отель напрямую или через онлайн-платформы, будут платить налог при выезде из отеля – как это принято в мировой практике.

**Источник: https://ria.ru**

**Либос як ҷузъи таркибии фарҳанги миллати тоҷик ба ҳисоб рафта, тарзи дуруст интихоб ва пӯшидани он аз худи шахс вобаста аст. Миллати тоҷикро аз қадим дар баробари забон, урфу одат, анъанаҳои неки ниёгон ҳамчунин бо либоси миллӣ мешиносанд.**

# Маданияти либоспӯшӣ



Бо мақсади риояи тарзи либоспӯшӣ ва ташвиқи либосҳои миллӣ Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дастурамали либосҳои тавсиявӣ барои духтарон ва занони Тоҷикистон»-ро нашр ва ба шаҳрвандони мамлакат ҳамчунин, ба тамоми муассисаву идораҳо, корхонаву коргоҳ, мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ барои истифода пешниҳод намудааст. Риояи он аз ҷониби шаҳрвандони мамлакат метавонад сатҳи фарҳангии аҳлиҷ омеаро баланд бардошта, ҷиҳати амалӣ шудани либоспӯшии миллӣ мусоидат намояд.

Тавре сардори Раёсати бақайдгирии андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси шӯрои занони мақомоти андоз Сафарзода Лола Ҳаким иброз дошт, дастурамали мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, бо мақсади ба танзим даровардани тарзи либосӯшии миллӣ роҳандозӣ гардидааст. Бояд зикр кард, ки дар дастурамал танҳо либосҳои духтарону занон пешниҳод шудааст, аммо, минбаъд либосҳои мардона низ дар шакли дастури алоҳида манзур хоҳад шуд.

- Ҳар як корхонаву коргоҳ ва муассисаву ташкилот намуди либосҳои махсуси худро дорад, ки азбар намудани онҳо ба занону духтарон мувофиқи мақсад мебошад. Барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, баъзе мақомоти дигар, ки либоси ягона доранд, пӯшидан ва риоя кардани он дар ҷойи кор ҳатмӣ мебошад, — чунин омадааст дар дастурамали мазкур.

Дар қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кормандон додани либоси махсус ва рутбаҳои тахассусӣ талабот ва меъёрҳои нав набуда, балки аз давраи таъсисёбии мақомоти андоз (1992) инҷониб муқаррар шуда буданд ва амал мекунанд. Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Шарифзода мегӯяд,ки мувофиқи қонунҳои амалкунанда тасдиқи либоси расмӣ, аломатҳои фарққкунанда ва меъёрҳои таъминоти кормандони мақомоти андоз бо амволи шайъӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.02.1999, №37 тасдиқ гардида, додани рутбаҳои тахассусӣ ба кормандони мақомоти андоз тибқи «Низомнома дар бораи тартиби додани рутбаҳои махсус ба кормандони мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.12.1997, №551 тасдиқ шудааст, амалӣ карда мешавад.

Бо мақсади дар сатҳи дахлдор ба роҳ мондани таъмини иҷрои муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикршуда, фармоишҳои Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.05.2011, №159 «Дар бораи тартиби пӯшидани либоси махсус» ва аз 22.06.2017, №270, «Дар бораи тасдиқи Кодекси одоби касбии корманди мақомоти андоз» ба имзо расонида шудааст. Мувофиқи ин фармоишҳо ҳамаи кормандони мақомоти андоз вазифадор шудаанд, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ, аз ҷумла гузаронидани санҷишҳои амалиётии андоз, рейдҳои муштарак, иштирок дар ҷаласаю чорабиниҳои расмӣ ва дигар ҳолатҳои адои вазифаҳои хизматӣ либоси махсус ба бар дошта бошанд. Пӯшидани либоси расмӣ ба кормандӣ мақомоти андоз ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ иҷро намудани ӯҳдадориҳои мансабӣ, пешгирӣ ва бартараф намудани амалҳои номатлуб, албатта, мусоидат менамояд.

Маҳмадалӣ Шарифзода, зикр намуд, ки дар натиҷаи зина ба зина татбиқ намудани муқаррароти санадҳои номбаршуда, ва бо ташаббуси роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶумҳурииТоҷикистон ва дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кормандони мақомоти андоз муяссар гардид, ки дар соли 2011 дар арафаи ҷашни 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон либоси махсуси кормандӣ мақомоти андозро ба бар кунанд. Худи ҳамон сол Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 31 майи соли 2011, №159 «Дар бораи тартиби пӯшидани либоси махсус» ба тасвиб расид.

Тартиби мазкур ба хизматчиёни давлатии мақомоти андоз тартиби пӯшидани либоси расмиро равшану возеҳ ва риояи қоидаҳои пӯшидани онро муайян намуд. Мувофиқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии номбурда ҷузъҳои шакли либос бояд ҷавобгӯи талаботи намуна ва тавсифҳои муқарраршуда бошад, бе нуқсон нигоҳ дошта шавад ва он дар намуди тоза ва озода аз ҷониби кормандон ба бар карда шавад.

Ёдовар мешавем, ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон ва аҳли ҷамоатчигии кишвар ба муносибати 10-солагии қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар мавриди пӯшидани либоси бегона чунин таъкид намуда буданд: «Моро зарур аст, ки ба зуҳуроти нангини бегонапарастӣ ҳарчи зудтар хотима бахшида, сару либосҳои миллии духтарону бонувонро бештар тарғиб намоем, пеши роҳи тақлиду таассуб ва зоҳирпарастиро гирем ва дар миёни занону бонувон корҳои фаҳмондадиҳиро вусъат бахшем».

Сафарзода Лола Ҳаким қайд намуд, ки масъулони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ иқдоми Пешвои миллатро дастгирӣ карда, барои рушди маданияти либоспӯшӣ, ки як ҷузъи фарҳанги миллӣ маҳсуб мешавад, ҳамаҷониба мусоидат менамоянд ва риоя кардани тартиби муайяншудаи либоспӯшии занонро дар мақомот ба таври ҷиддӣ талаб менамоянд.

- Пӯшидани либоси расмӣ, - мегӯяд Маҳмадалӣ Шарифзода, - ба кормандони мақомоти андоз обрӯи хоса зам намуда, масъулияти онҳоро дар иҷрои вазифаҳои хизматӣ баланд мебардорад ва ба андозсупорандагон дар иҷрои ӯҳдадориҳои андозиашон азму иродаи қавӣ бахшида, ҷиҳати бартараф намудани шубҳа дар фаъолияти шаффофи хизматчиёни давлатии мақомоти андоз ва пешгирии ҳама гуна омилҳои коррупсионӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, аз ҳамаи хизматчиёни давлатии мақомоти андоз даъват ба амал меорем, ки бо ҷонибдорӣ аз сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти мақомоти андози кишвар дар пӯшидани либоси махсус, ки боиси шаъну ифтихор ва ифодагари масъулияти баланди корманди мақомоти андоз аст, фаъол бошанд.

**М. УСМОНОВА,**

**корманди шуъбаи робита бо ВАО-и Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

### Найденную картину XIII в. во Франции объявили «национальным достоянием»

**Власти Франции запретили вывоз за границу картины, найденной на кухне 90-летней француженки и проданной в октябре за 24 миллионов евро неназванному иностранному покупателю из Соединенных Штатов.**

Картина «Осмеяние Христа» кисти флорентийского художника XIII века Чимабуэ, мастера эпохи Возрождения, объявлена «национальным достоянием». Власти страны отказали покупателю в выдаче экспортного сертификата. Это решение дает французскому правительству 30 месяцев, чтобы попытаться найти средства для приобретения уникальной картины, которая стала самой дорогой средневековой живописной работы из когда-либо проданных, отмечает The Guardian.

Министерство культуры Франции заявило, что будет работать над приобретением картины, чтобы она могла присоединиться к другой, гораздо более крупной работе Чимабуэ - четырехметровой «Санта-Тринита-Маэста», которая хранится в парижском Лувре. Чимабуэ, также известный как Ченни ди Пепо, был одним из первых художников эпохи раннего итальянского Ренессанса. Ему приписывают создание только 11 произведений, написанных по дереву, причем, ни одно из них не подписано самим автором.

Напомним, что картина «Осмеяние Христа» десятилетиями висела над плитой для приготовления пищи на кухне дома 1960-х годов, расположенного недалеко от Компьена, к северу от Парижа, до того, как она была замечена аукционистом, к которому обратилась хозяйка небольшого полотна. Картина никогда не привлекала большого внимания женщины или ее родственников, которые думали, что это просто старая икона из России. Этим летом она могла оказаться в мусорном ведре во время переезда, если бы не попалась на глаза аукционисту.

Французские специалисты по искусству экспертного дома Туркен использовали инфракрасную рефлектографию, чтобы подтвердить, что произведение было частью более крупного диптиха, написанного в 1280-е годы, когда Чимабуэ написал восемь сцен «страсти и распятия Христа». Каждая из двух панелей в диптихе имела четыре сцены. Две сцены из одного и того же диптиха, известные как «Богоматерь с младенцем с двумя ангелами» и «Флагелляция Христа», находятся в Национальной галерее в Лондоне и в коллекции Фрика в Нью-Йорке, соответственно. Остальные части диптиха до обнаружения полотна во Франции считались утерянными.

Картина «Осмеяние Христа» размером всего 26 на 20 сантиметров изначально оценивалась в 4-6 миллионов евро. Но она принесла прибыль в 19,5 миллионов евро с учетом налоговых сборов.

Как отмечают эксперты, действия властей Франции по блокированию вывоза картины могут усложнить жизнь семьи женщины, в доме которой висела картина. Они до сих пор сохраняют анонимность, однако в случае выкупа полотна властями, их имена подлежат огласке.

Агентство France Press сообщило, что женщина-владелица картины, которая переехала в дом престарелых, умерла вскоре после того, как картина была продана с аукциона. Ее семье, которая должна продолжать платить высокие пошлины, чтобы застраховать работу до окончательного завершения сделки по продаже, теперь, скорее всего, нужно будет договориться с налоговыми службами о сроках выплаты налогов на наследство. Это будет сделать крайне сложно с учетом того, что продажа уникального раритета фактически наверняка будет приостановлена почти на три года.

**Источник: https://rg.ru**

# Законодательные основы инвестиционной деятельности в Республике Таджикистан

**В первое десятилетие после обретения независимости Республика Таджикистан столкнулась со значительным снижением производственного потенциала, прежде всего в сфере промышленности и сельского хозяйства. Период восстановления национальной экономики приходится на начало 2000-х годов и продолжался на протяжении последующего десятилетия.**



В настоящее время для последующего развития экономики Таджикистана требуется вложение значительных объемов инвестиций, которые зачастую недоступны на местном уровне. С этой целью, Правительство Республики Таджикистан стремится повысить инвестиционную привлекательность страны для иностранных (частных и государственных) инвестиций и принимает последовательные меры по улучшению инвестиционного климата, который за последнее время претерпел значительные изменения и в целом соответствует международной практике.

Опыт зарубежных стран свидетельствует о том, что приток прямых иностранных инвестиций в страну может способствовать более эффективному использованию имеющихся в стране природных ресурсов, производственных возможностей и человеческого потенциала. При этом, иностранные инвестиции могут способствовать развитию малого и среднего предпринимательства, что ведет к росту внутренних инвестиций. При этом рост экономических показателей и политическая стабильность в Таджикистане до сих пор остаются незамеченными со стороны ключевых стран-экспортеров капитала, а сами иностранные инвесторы недостаточно осведомлены об инвестиционных возможностях в Таджикистане.

Инвестиции играют важную роль в поддержании и наращивании экономического потенциала страны. Это, в свою очередь, благоприятно сказывается на деятельности предприятий, ведет к увеличению валового национального продукта, повышает активность страны на внешнем рынке. Учитывая это, в современном мире все больше стран, независимо от их уровня развития, стараются увеличить объемы привлекаемых инвестиций в свою экономику.

Инвестиционный потенциал Республики Таджикистана оценивается как привлекательный, благодаря тому, что страна обладает значительными природными ресурсами, включая высокий гидроэнергетический потенциал, наличия возможности полной переработки местного сырья, драгоценные и редкие металлы, а также возможности развития туризма.

В Республике Таджикистан предпринятызначительные шаги на пути создания благоприятных условий для привлечения местных и иностранных инвестиций, поддержки рыночных структур и развития коммерческой, финансовой и банковской систем. Также, приняты важные меры для углубления экономических реформ, реконструкции национальной экономики, укрепления и развития международных связей и интеграции в мировую экономику.

С 2002 года и по сегодняшний день в стране реализуются реформы, направленные на создание благоприятного инвестиционногоклимата. В 2007 году принят новый Закон Республики Таджикистан «Об инвестициях», заменивший ранее действовавший Закон Республики Таджикистан «Об иностранных инвестициях в Республике Таджикистан» от 1992 года. Основным достижением нового Закона сталопредоставление равных прав и гарантий иностранным и местным инвесторам. Кроме указанного Закона, для стимулирования притока инвестиций и создания наиболее эффективного правового обеспечения принятыряд специальных законов, такие как Закон Республики Таджикистан «О соглашениях о разделе продукции», Закон Республики Таджикистан«О концессиях», Закон РТ «О государственно-частном партнерстве» иЗакон Республики Таджикистан«Об инвестиционном соглашении».

В стране последовательно проводятся реформы по упрощению административных процедур, в частности внедрение принципа «единого окна» для государственной регистрации юридических лиц, разрешительной системы, таможенных процедур и т.д.

Таким образом, инвестиционный климат развивается в результате реформ, проводимых государством в законодательной, организационно-экономической, социально-политической и других сферах, определяющих условия инвестиционной деятельности в стране.

Правовую основу для иностранных и внутренних инвестиций, а также механизм государственного регулирования инвестиционной деятельности в Таджикистане определяет Закон Республики Таджикистан «Об инвестиции».

Данный Закон предусматривает общий правовой режим для инвестиций и инвестиционной деятельности в Республике Таджикистан. Закон определяет понятие инвестиций, виды инвестиционной деятельности и ее субъектов, права и гарантии инвесторов и меры стимулирования.

В соответствии с Законом под инвестиционной деятельностью понимается «действие инвестора по вложению инвестиций в производство продукции или их иному использованию с целью получения прибыли (дохода) и (или) достижения иного значимого результата». Таким образом, инвестиционная деятельность в стране не ограничивается исключительно сферой производства товаров, и может также осуществляться в иных сферах.

Инвестиции в Республике Таджикистан включают в себя «все виды права на имущество (кроме имущества личного пользования или, связанного с деятельностью по продаже товаров без их переработки), включая денежные средства, ценные бумаги, производственно-технологическое оборудование и результаты интеллектуальной деятельности, принадлежащие инвестору на основе права собственности и вкладываемые им в объекты инвестиционной деятельности». По смыслу данного определения торговля товарами (без их переработки) не рассматривается в качестве инвестиционной деятельности.

Субъектами инвестиционной деятельности в Таджикистане признаются иностранные и отечественные инвесторы. Согласно Закону в качестве отечественных инвесторов могут выступать физические и юридические лица Республики Таджикистан. Иностранными же инвесторами являются следующие лица:

- иностранные государства (в лице уполномоченных органов);
- международные организации;
- иностранные юридические лица;
-иностранные организации, не являющиеся юридическими лицами, созданные в соответствии с законодательством иностранных государств;
- иностранные граждане и лица без гражданства.

Согласно Закону гарантируется равный правовой статус иностранных и отечественных инвесторов на территории Республики Таджикистан независимо от их гражданства, национальности, языка, пола, расы, вероисповедания, места проведения экономической деятельности, а также страны происхождения инвестора или инвестиций. Закон предусматривает равные права и гарантии при осуществлении инвесторам как прямых, так и портфельных инвестиций.

Закон предусматривает следующие виды гарантий для инвесторов, в частности:

- гарантия равенства прав инвестора;
- гарантия правовой защиты инвестора и инвестиционной деятельности;
- гарантия права на перемещение иностранных инвесторов;
- гарантии права использования доходов;
- гарантии прав инвестора при национализации и реквизиции;
- гарантия права инвестора на вывоз имущества и информации;
- гарантии для инвестора, осуществляющего реинвестирование.

Для инвестиционной деятельности немаловажное значение имеет стабильность условий осуществления инвестиционной деятельности в случае изменения законодательства в стране. Согласно Закону, в случае изменения инвестиционного законодательства, инвесторы имеют право выбора наиболее благоприятных для них условий в течение пяти лет с момента такого изменения.

Инвестор может осваивать инвестиции в различных формах. Одной из форм осуществления инвестиций является создание предприятия на партнерской основе с другими иностранными инвесторами, местными инвесторами, а также совместно с государством.

Либерализация внешнеэкономической деятельности, развитие и потребности экономики страны ввели в деловую практику такие формы отношений между государством и частным инвестором, связанные с инвестированием в экономику Таджикистана, как инвестиционное соглашение, соглашение о государственно–частном партнерстве, соглашение о разделе продукции и договор концессии.

Закон Республики Таджикистан «Об инвестиционном соглашении», вступивший в силу в марте 2013 года, предусматривает специальный механизм регулирования отношений, возникающих между государством и инвестором на основе инвестиционных соглашений. Данный вид соглашений носит индивидуальный характер и направлен на установление для отдельно взятых инвесторов специального правового режима, отличного от общего правового режима, предоставляемого другим инвесторам.

Действие Закона распространяется на инвестиционные проекты, которые предусматривают существенный объем инвестиций, высокую степень финансовых, технологических, экологических и иных рисков, и являются стратегически важными для экономики Республики Таджикистан, независимо от предмета таких проектов. Вместе с тем, из сферы применения Закона исключены проекты, осуществляемые в рамках соглашений о концессиях, разделе продукции, государственно-частном партнерстве, а также инвестиции иностранных государств на территории Республики Таджикистан.

Основным отличием инвестиционных соглашений является возможность установления особого правового режима для инвесторов при реализации инвестиционного проекта. Так, согласно Закону инвестору в рамках инвестиционного соглашения могут быть предоставлены специальные права, гарантии и льготы, такие как:

- особый налоговый и таможенный режим;
- особый режим валютного регулирования и контроля;
- особый режим лицензирования;
- полный или частичный отказ Республики Таджикистан от предусмотренного законодательством Республики Таджикистан преимущественного права на приобретение части товаров, работ и услуг, производимых и предоставляемых в ходе реализации инвестиционного проекта;
- полное или частичное освобождение от применения антимонопольного законодательства Республики Таджикистан;
- особый или упрощенный визовый режим и иммиграционный контроль для работников и подрядчиков инвестора;
- освобождение инвестора от обязанности соблюдать квоты на привлечение иностранных работников для реализации инвестиционного проекта.

Более того, Закон предусматривает возможность установления в инвестиционном соглашении в отношении инвестора и инвестиционного проекта иных прав, освобождений и льгот, не предусмотренных законодательством Республики Таджикистан.

Другой особенностью инвестиционного соглашения является возможность включения в него положения, которое будет предусматривать стабильность условий инвестиционного соглашения в течение всего срока его действия или иного предусмотренного им срока, в случае внесения изменений в законодательство Республики Таджикистан, которые ухудшают условия реализации инвестиционного проекта. Таким образом, в отличие от «стабилизационной оговорки», установленной в Законе Республики Таджикистан «Об инвестиции», положения данного Закона в этом отношении имеют более привлекательный характер для инвесторов.

С целью придания юридической силы стабилизационным положениям инвестиционного соглашения и закрепления предоставленных инвестору прав, гарантий и льгот, Закон предусматривает процедуру ратификации подписанного инвестиционного соглашения со стороны Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан.

**Подготовил: С. ВАЗИРОВ**

# Гардиши маводи мухаддир сарчашмаи ҳама гуна бадкориҳо



**Дар рӯзгори имрӯзаи мо гоҳо шахсоне худнамоӣ мекунанд, ки кору амалашон, манфур аст. Маҳз аз бафаросатии онҳо ҳодисаҳое рух медиҳанд, ки хоси табиати инсонӣ нестанд. Ақидаҳое онҳоро дар сар аст, ки саропо зидди инсонҳост. Баъзеҳо маҳз барои манфиатҳои хеш ба амалҳои фоҷеабор даст мезананд, мулки ободеро ба вайрона табдил медиҳанд.**

Солҳои охир дар ҷаҳон ифротгароӣ (экстремизм), тундгароӣ (радикализм) ва даҳшатафканӣ (терроризм) васеъ фаъолият карда истодаанд, ки барои амнияти миллии ҳар як кишвар хатар эҷод мекунанд. Суоле ба миён меояд, ки аъзои ин гурӯҳҳо аз кадом ҳисоб зиндагӣ мекунанд?

Вақте ки кас ба мағз андар мағзи ҳар як ҳодиса назар мекунад, паси ҳар як ҳодиса ашхоси алоҳидаеро мебинад, ки маҳз барои манфиати шахсии худ ба ҳама гуна ифлоскориҳо даст мезанад.

Яке аз манбаъҳои асосӣ барои фаъолияти онҳо аз ҷониби шаҳрвандон кашонидани маводи мухаддир аст, ки маҳз терроризму экстремизм ва радикализм аз он манша мегиранд. Ба ҷуз ин, дар ин самт мавқеи калидӣ доштани маводи мухаддир дар фаъолияти гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ кайҳо боз исботи худро ёфтааст. Чуноне аз манбаъҳои иттилоотӣ бармеояд, дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ки маркази истеҳсол ва интиқоли маводи мухадир маҳсуб меёбад, ба макони аслии террористону ифротгароён табдил ёфтааст. Ин мамлакати офатзада солҳост, ки аз ин вабои фоҷиабор роҳи халосӣ меҷӯяд.

Маҳз ҳамин тақдири фоҷиабори кишвари ҳамсоя барои мо сабақи зиндагӣ гардиду бо мақсади гирифтани пеши роҳи ин амали номатлуб Ҳукумати Тоҷикистон бо дастгирии Созмони Миллали Муттаҳид соли 1999 Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун мақоми ваколатдори соҳа таъсис дод. Сохтори мазкур тули давраи фаъолияти хеш дар доираи барномаву лоиҳаҳои марбута бо созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ва кишварҳои шарик ҳамкориҳои судмандро ба роҳ монда, ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардид.

Ҳанӯз соли 2013 Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни мамлакатҳои ташаббускори дунё яке аз аввалинҳо шуда Стратегияи миллии мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддирро барои давраи то соли 2020 таҳия ва қабул намуд. Ин санад бо барномаи амал ва самтҳои ҳамкории худ дар заминаи муносибатҳои дуҷониба, минтақавӣ ва бисёрҷониба хусусияти пешгирикунанда дошта, бо дарназардошти ҳамбастагии зич миёни гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва терроризм ба бартараф намудани омилҳои ин зуҳурот дар ҷомеа равона шудааст.

Месазад қайд намуд, ки дар натиҷаи мунтазам андешидани чораҳои зарурӣ тайи солҳои охир қочоқи маводи нашъаовар тавассути Тоҷикистон як андоза коҳиш ёфт. Чунончи, дар панҷ соли охир шумораи шаҳрвандони мо, ки барои муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар дар хориҷи кишвар дастгир карда шуданд, зиёда аз ду баробар ва миқдори мухаддироти аз онҳо мусодирашуда то шаш баробар кам шудааст.

Ин далелҳо аз фаъолияти судманди мақомоти дахлдор дар ин самт гувоҳӣ дода, бори дигар аҳамияти таҳкими сарҳадоти давлатиро ҳамчун яке аз роҳҳои самарабахши муқовимат ба терроризм ва манбаъҳои маблағгузории он таъкид мекунанд. Дар баробари ин, тақвияти раванди мубодилаи иттилоот, таҷриба ва ҳамоҳангӣ миёни мақомоти кишварҳо, инчунин, кӯмак кардан ба кишварҳое, ки дар саргаҳи мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир қарор доранд, амри зарурӣ ва саривақтӣ мебошад.

Вобаста ба ин, кулли сокинони кишварро зарур аст, ки сарҷамъона ба муқобили амалҳои номатлуб ва гирифтани пеши роҳи қочоқи маводи мухаддир мубориза баранд ва осоишу оромии Тоҷикистонро таъмин намоянд.

**М. ТАБАРЗОДА**

# Пешгирии терроризм ва экстремизм кори дастаҷамъист

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ барои муқовимат ба таҳдиду хатарҳои муосир ва пойдории сулҳу субот дар минтақа ва мамлакат пайваста тадбирҳои мушаххас меандешад. Яке аз чунин чораҳои воқеӣ татбиқи Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 мебошад.**

Стратегияи мазкур самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти муқовимат бо экстремизм ва терроризм муайян карда, вазифаҳои мақомоти давлатиро ҷиҳати аз байн бурдани омилҳои ба экстремизм ва терроризм мусоидаткунанда мушаххас менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таҳдиди афзояндаи экстремизм ва терроризм ба амнияти миллӣ ва рушди устувори он дар роҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва давлатҳои минтақа муборизаро дар ин самт тақвият мебахшад. Ташкилотҳои экстремистӣ ва террористӣ, фаъолиятҳои худро барои паҳн кардани мафкураи радикалӣ, таҳрики адовати мазҳабӣ дар ҷомеа, ҷалб кардани ҷавонон ба сафи онҳо ва содир кардани ҷиноятҳои экстремистӣ ва террористӣ, ба роҳ монда, системаи иҷтимоию сиёсии кишварро бо роҳи зӯроварӣ тағйир медиҳанд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ дар самти мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм нишон медиҳад, ки таҳия ва татбиқи маҷмӯи чорабиниҳое, ки барои безараргардонии омилҳои идеологӣ, иҷтимоӣ - иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва институтсионалии фаъолнокии онҳо равона карда шудаанд, барои ба муваффақиятҳо ноил шудан мусоидат мекунад.

Дар ҷаҳони муосири пуртазод ва зудтағйирёбанда таҳдидҳои терроризму ифротгароӣ ҷомеаи ҷаҳониро беш аз пеш ба ташвиш овардааст. Авзоъ дар кишварҳои ҷангзада собит месозад, ки ин амалҳо бо ҳадафҳои геосиёсии кишварҳои абарқудрат ва созмонҳову гурӯҳҳои манфиатхоҳ омезиши ҳамсон дошта, чун вабо ва ё силоҳи қатли ом ба тамоми мавҷудоти сайёра таҳдид доранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ӯҳдадориҳои байналмилалии худ чун кишвари соҳибистиқлол ва ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар самти мубориза бо тамоми зуҳуроти номатлуб, аз ҷумла терроризму экстремизм ва дигар хатару таҳдидҳо пайваста ибтикор нишон медиҳад. Натиҷаи ибтикороти байналмилалии роҳбарияти олии давлату Ҳукумати Тоҷикистон аст, ки Тоҷикистон тайи солҳои охир барои баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои мубориза бар зидди терроризм, экстремизм ва радикализм дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ тадриҷан ба яке аз майдонҳои мусоиди сиёсӣ табдил ёфтааст. Коршиносони соҳа ташаббусҳои Тоҷикистонро дар самти пешгириву мубориза бо терроризму ифротгароӣ ва таъмини суботу амният дар минтақа баланд арзёбӣ мекунанд.

Саъю талошҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои барқарории сулҳу субот ва сарҷамъии миллӣ дар арсаи байналмилалӣ басо нодир ва арзишманд арзёбӣ мегарданд. Имрӯзҳо таҷрибаи сулҳи тоҷикон дар бобати ҳалли мусолиматомези низоъ, ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам аз нигоҳи амалӣ ба сарвати илми сиёсатшиносии ҷаҳонӣ мубаддал шудааст.

Таҷрибаи сулҳи тоҷикон, ғайр аз ин ки роҳи моро барои пешрафти минбаъдаамон равшан кард, аҳамияти байналмилалӣ низ дорад ва метавонад ҷиҳати ҳалли мушкилоти кишварҳои гуногун мавриди истифода қарор гирад. Беҳуда нест, ки таҷрибаи мо дар самти таъмини сулҳ, ба Ватан ва макони зисти доимиашон баргардондани қариб як миллион гуреза ва ташкили ҳамгироии иҷтимоӣ аз тарафи ташкилоту созмонҳои бонуфуз, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо воқеъбинона арзёбӣ шуда, ҳамчун шеваи нодири сулҳофарӣ эътироф гардидааст.

Мусаллам аст, ки имрӯз ташкилотҳои террористиву экстремистӣ ва гурӯҳҳову ҷонибҳои манфиатхоҳ барои амалӣ намудани ҳадафҳои хеш дар радифи силоҳу лавозимоти ҷангӣ аз иттилоот ва расонаҳои иттилоотӣ, бахусус шабакаҳои иҷтимоӣ ба таври густурда истифода мекунанд. Албатта, дар асри нав, ки онро асри иттилоот унвон кардаанд, таъсири иттилоот ва расонаҳои иттилоърасон бисёр амиқ ва нишонрас гардидааст. Зеро, имрӯз бо рушди фаъоли Интернет шабакаҳои иҷтимоӣ таъсири худро дар тафаккури ҷомеа хеле амиқ мегузоранд. Ҳатто расонаҳои иттилоърасон ба майдони мубоҳисаҳои сиёсӣ низ табдил ёфтаанд. Аз ин нуқтаи назар, таъмини амнияти иттилоотӣ дар замони муосир ба унсури асосии таъмини амнияти миллӣ табдил ёфтааст.

Аз ин хотир, ҳар як фарди худогоҳ ва ватандӯстро зарур аст, ки дар ҳифзи асолати поки гузашта, нигоҳдории якпорчагии Ватан, ягонагии ҷуғрофӣ ва сиёсии кишвар, дифои сулҳу оромӣ, истиқлолу ваҳдати миллӣ масъулиятшинос бошад. Мо дар сурате метавонем зафар ёбем, ки агар алайҳи терроризму ифротгароӣ дастаҷамъона мубориза барем.

**Т. ЧИЛАЕВ**

# ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»

## БАРОИ СОЛИ 2020 ИДОМА ДОРАД

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба «Боҷу хироҷ» бо чашми хирад, чашми нек ва чашми дурбин нигаред ва ҳамрозу ҳамсадо бошед!

**65 СОМОНӢ**

*нархи яксолаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ»*



СУРОҒАИ МО:

ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** (2)33-08-41

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:
р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ
«Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
РМА 030007408


| | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 18 | ... Бачан | 22 | 4 | 5 | 3 | 22 | 6 | 7 | меваи тропикӣ | 22 | 8 | 22 | 8 | 22 | 2 | қисми аз зону поён |
| 19 | Дарозтарин шаби зимистон | 23 | Номи китоби зардуштӣ | 3 | Фармонбардорӣ | 8 | меваи ток | 21 | Соҳиби хона | 11 | Қиёмат, майдони қиёмат | Осеб, зиён, бало | 22 | рутубат | 21 | Пайвандаки шартӣ |
| 20 | 5 | 1 | 9 | 21 | Дарё дар Ҳиндустон | 9 | 22 | 8 | 9 | 22 | Модари Муҳаммад (с) | 21 | 4 | 5 | 8 | 22 |
| 21 | ... Марадона, футболбози машҳур | 2 | Меваи пешпазак | 22 | | 10 | Ихтирои Попов | 22 | Чит | 2 | 10 | 12 | Ишора-ҷонишин | 13 | писари Дедал | 9 |
| Маствор | ... Тзедун, пешвои Чин | 3 | 10 | 3 | Духтур | 11 | 22 | 20 | 5 | 21 | ... Муҳаммад ҷонов, актёр | 22 | | 22 | 8 | 22 |
| 4 | 22 | 21 | Шаршара | | 3 | Машаққат, ранҷ | | 21 | Шакли дигари тотор | 3 | 22 | 3 | 22 | 11 | Навиштаи журналист | 11 |
| 22 | Боб аз фасли Қуръон | Илми ҳисоб | 8 | 5 | 22 | 9 | 22 | 11 | 22 | Бачаи гӯсфанд | 3 | Номаи хоҳишу илтимос | 11 | Муқобили наздик | 4 | Баҳра, ҳисса |
| 2 | 10 | 11 | 22 | Тор, ришта | 6 | Бомдод, сапедадам | 14 | галаи гӯсфандҳо | Фурӯ рехтан | 6 | 21 | 11 | 5 | 20 | 22 | 8 |
| 3 | Кӯтоҳ кардан | 5 | 7 | 3 | 5 | 2 | 21 | 11 | қуллаи ... | 22 | Осудагӣ, оромиш | 21 | 14 | 10 | 15 | 22 |
| 21 | | 1 | Дарди зоидан | 22 | 6 | 10 | 6 | 22 | 13 | 11 | Хӯрокворӣ | 17 | 22 | 11 | 21 | 2 |
| 8 | 21 | 14 | 5 | 19 | Яке аз чор ёри паёмбар (с) | 6 | Ҷасади одами фавтида | 4 | 10 | 11 | 20 | 22 | Тарс, ваҳм, бим | Брюс ... | 19 | 5 |
| 22 | Фурудоянда | 16 | Мавзее дар Туркманистон | 15 | 22 | 17 | 15 | 22 | 17 | 22 | Хоҳиш, дархост, илтимос | 3 | 22 | 19 | 22 | 6 |

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

■ ҶСП «ТАҶИК КЕЙТЕРИНГ СЕРВИС» (РЯМ 0110000789) воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансур, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ Кооперативи тиҷоратии «Холмурод Ш» (РЯМ 1810005588) воқеъ дар шаҳри Кӯлоб, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «МЕДОН» (РЯМ 7710000834) воқеъ дар ноҳияи Шуғнон, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Маркази тиҷоратии Ҷал Ҷам» (РЯМ 0410004513) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шамаева Хайринисо (РЯМ 0430235438) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Муминов Нуралӣ (РЯМ 1230016013) аз ноҳияи Рӯдакӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Воҳидова Мавҷудахон (РЯМ 1830011215) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Сафарова Ойгул (РЯМ 1830030199) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Разоқов Ёсин (РЯМ 5530206211) аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба ХД «Сафаров Зафар» (РЯМ 1830075005) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба ХД «Сафар-1» (РЯМ 3730028821) аз ноҳияи Панҷ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Юлдошева Бибиробия (РЯМ 0730006375) аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

**Кооперативи тиҷоратии «Пуштимиёна» (РЯМ 1610001800) воқеъ дар ноҳияи Шаҳринав бо ҶДММ «Кишоварз» (РЯМ 1610000389) ҳамроҳ мешавад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.**




## МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!




Рӯзномаи «Боҷу хироҷ» дар фазои иттилоотии мамлакат ягона рӯзномаи соҳавиест, ки дар он дар бораи масъалаҳои андозу андозбандӣ, низому меъёрҳои андозҳо, имтиёзот ва сабукиҳои андозӣ, хизматрасониҳои мақомоти андоз ба андозсупорандагон, рушди фаъолияти соҳибкорӣ, андоз дар хориҷа ва дигар мавзӯъҳое, ки ба муносибатҳои андозӣ дахл доранд, нашр мешаванд.

Шумо ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ» обуна шуда, метавонед аз ҷониби мутахассисони соҳибкасб ба ҳамаи саволҳои худ доир ба қонунгузории андоз, маъмурикунонии андоз ва ҳуқуқу уҳдадориҳои андозсупоранда ҷавоби мушаххас ва асоснок дарёфт намоед.

Рӯзномаи «Боҷу хироҷ» ва мутахассисони Кумитаи андоз кӯшиш менамоянд, ки маводи рӯзнома ҷолибтар ва барои такмили дониши андозию иқтисодӣ ва ҳалли мушкилоти шумо боз ҳам муфидтар бошанд.




**Рӯзномаи «Боҷу хироҷ»**

### СОҲИБКОРОНИ МУҲТАРАМ!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» аз 31.08.2012, №451 шахси воқеие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошад, уҳдадор аст фаъолияти худро ҳамчун соҳибкори инфиродӣ дар асоси патент ва ё шаҳодатнома ба қайди давлатӣ гирад.

Бақайдгирӣ дар нозироти андоз имконият медиҳад, ки давраи фаъолияти шумо ҳамчун собиқаи корӣ ба ҳисоб гирифта шуда, тибқи тартиби муқаррargardida ҳифзи иҷтимоиатон таъмин шавад.

Хотиррасон менамоем, ки дар асоси талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ бе бақайдгирӣ дар мақомоти андоз аз 30 то 40 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне аз 1650 сомонӣ то 2200 сомонӣ ҷарима пешбинӣ гардидааст.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Пятилетняя девочка из России заработала на YouTube более миллиарда рублей

**Журнал Forbes составил рейтинг наиболее высокооплачиваемых звезд YouTube, третье место в котором заняла пятилетняя уроженка Краснодарского края Анастасия Радзинская.**



На YouTube-канал девочки под названием Like Nastya, открытый в январе 2016 года, подписаны более 15 миллионов человек, а суммарное количество просмотров всех видео приближается к пяти миллиардам.

Совокупное количество подписчиков Анастасии на YouTube и в социальных сетях превышает 107 миллионов человек, а видео были просмотрены около 42 миллиардов раз. Как пишет Forbes, в период с 1 июня 2018 года по 1 июня 2019 она заработала примерно 18 миллионов долларов, или почти 1,2 миллиарда рублей.

Сумма высчитывается без учета уплаты налогов и других платежей - расходов на производство контента, агентские выплаты и так далее.

На первом месте в рейтинге Forbes - тоже ребенок. Это восьмилетний Райан Каджи, заработок которого оценивается в 26 миллионов долларов.

**Источник: https://rg.ru**

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

## § 3. РИВОҶ ЁФТАНИ ИСЛОҲОТИ АНДОЗ ВА РУШДИ НИЗОМИ МИЛЛИИ АНДОЗ (СОЛҲОИ 1999 -- 2006)

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

9. Пас аз ба истиқлолият расидани Тоҷикистон (1991) ва ба самти ташаккули иқтисоди бозаргонии равияи иҷтимоидошта равона гардидани давлати ҷавон зарурати низоми мустақили миллии андоз чун сифати мушаххасаи давлати мустақил пеш омад. Дар тӯли давраи солҳои 1992 – 2006 ин низом барқарор гардид ва ҳоло такомули минбаъдаи он идома дорад. Ҷараёни ташаккул ва рушди низоми миллии андозро дар Тоҷикистон бо дарназардошти хусусиятҳои вазифаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии мавриди ҳал қарордошта ва сиёсати андози давлат ба се давра метавон тақсим кард.

Дар давраи аввал, ки солҳои 1992 – 1995-ро фаро мегирад, андозҳои нави хоси низоми иқтисоди бозаргонӣ ҷорӣ гардиданд, якчанд санаду қонунҳо оид ба поягузорӣ ба қонунгузории миллии андоз қабул шуданд, сохтори мустақили идораи фаъолият дар соҳаи андоз бунёд ёфт ва бад-ин тартиб заминаи низоми миллии андоз гузошта шуд.

Дар давраи дуюм – солҳои 1995 – 1998 ҷараёни ташаккули низоми миллии андози кишвар, ки ҷавобгӯи талаботи иқтисоди давраи гузариш ва ифодакунандаи манфиатҳои миллии ҷумҳурӣ буд, ба анҷом расид. Боз ҳам мустаҳкамтар гардидани заминаи ҳуқуқии андозбандӣ, такомули сохтори ташкили идораи фаъолият дар соҳаи андоз, таъсиси пулиси андоз ва низоми омодасозиву бозомӯзии мутахассисони соҳаи андоз, пайдо шудани нашрияҳои махсус ва дар охир қабули Кодекси андоз – маҷмӯи ба низомдаровардашуда оид ба андозҳо ва андозбандӣ ба ин мусоидат намуданд.

Давраи сеюм, давраи муосири барқароршавӣ ва рушди низоми миллии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи амали нахустин Кодекси андоз – 1 январи соли 1999 оғоз меёбад. Дар ин давра мақоми шавқмандсозанда ва ба танзимдароварандаи андозҳо тақвият ёфт, масъалагузорӣ оид ба сабук кардани бори андоз, ҳифзи истеҳсолкунандагони мол дар ҷумҳурӣ, муҳайё кардани шароити беҳтар барои инвеститсияҳо, сабук кардани андози шахсони ҳуқуқӣ ва афзудани андози шахсони воқеӣ, тақвият додани самти иҷтимоӣ дар андозбандӣ, баланд бардоштани сатҳи ҷамъоварии андозҳо, такомули шакл ва методҳои кор бо андозсупорандагон, мубориза бо ришваситонӣ дар мақомоти андоз ба миён омад.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

## Сафари хизматӣ бо дучарха



**115000**

хизматчии давлатии Нидерландия супориш гирифтанд, ки ба кор бо автомобил наоянд.

Роҳбарон ба хулосае омаданд, ки мошинсаворӣ ба буҷет зарари калон мерасонад, аз ин рӯ, қарор қабул шуд, ки хизматчиёни давлатӣ танҳо бо нақлиёти роҳи оҳан, автобусу троллейбус ва ё бо дучархаи шахсӣ ба кор ҳозир гарданд. Амр на танҳо ба рафтуомади дохили шаҳр, балки ба сафарҳои бисёррӯзаи хизматӣ ба тамоми гӯшаю канори мамлакат низ дахл дошт. Албатта, дар оғоз ин таъйинот ба хизматчиёни давлатӣ маъқул нашуд, вале баъдтар беҳбудии онро дарк сохтанд: барои сафарҳои хизматӣ бо дучархаи худ онҳо ба ҳар километри тайкардаашон маблағи муайян мегирифтанд.

## Хонаи тамошобоб

**Яке аз калонтарин хонаҳои дунё дар Ҳиндустон сохта шудааст. Он ба хонаи одӣ монанд набуда, бурҷи мураббаъро мемонад. Бино аз 27 ошёна иборат аст.**

Мукеш Амбани, сарватмандтарин марди Ҳиндустон, дар он бо аҳли оилааш зиндагӣ мекунад. Биноро «Антилия» меноманд. Баландии он 173 метр ва масоҳаташ 37000 метри мураббаъро ташкил медиҳад.

Дар ин хонаи бузург 6 нафар зиндагӣ мекунад: Мукеш, модараш, зан ва се фарзандаш. Нобоваста аз ин, дар нигоҳубини бино 600 нафар масъуланд.

Он аз ҷониби меъморони ширкати «Perkins & Will» (Америка) тарҳрезӣ шудааст. Ҳар як ошёна тарҳ ва намои худро дорад.

Дар бино 9 лифт, таваққуфгоҳ барои 168 мошин, кинотеатри хонагӣ барои 50 тамошогар, SPA - салон, толори балет, фитнес - клуб, якчанд ҳавзи шиноварӣ ва боғҳои «муаллақ» мавҷуданд.

## Суханони ҳакимона

Беҳтарин шахс онест, ки нисбати оилааш муносибати хуб менамояд.

x x x

Бахшидан назар ба ҷазодиҳӣ амали мардонагӣ аст.

x x x

Нокомӣ ин шароит барои аз сари нав оғоз кардани кор аст, лек ин дафъа оқилона.

x x x

Талаби илм кунед, зеро ки илм соҳиби худро қодир ба ташхиси хуб аз бад менамояд.

## Панди рӯзгор

**Аз марде, ки мушкили хонаводагӣ дошт, пурсиданд:**

- Ҳамсарат чӣ камбудӣ дорад, ҷаро мехоҳӣ ӯро раҳо намой?

Посух дод: «Марди ҳақиқӣ ҳеҷ гоҳ айбу ҷурми ҳамсарашро ба дигарон намегӯяд».

Пас аз чанд моҳ ҳамсари мард оилаи нав барпо кард. Дар ин ҳол як зумра мардуми кунҷков боз аз ӯ дар хусуси ҳамсари пешинааш пурсиданд ва ҷавоб шуниданд: «Марди ҳақиқӣ дар бораи зани бегона ҳеҷ гоҳ сухан намегӯяд».

## Аз таърихи соат

Соатҳои аввалин соатҳои офтобианд. Намунаҳои қадимтарини онҳоро бостоншиносон дар Мисри Қадим пайдо кардаанд, ки ба асри XV пеш аз мелод тааллуқ доранд.

Аввалин соатҳои дастӣ соли 1812 сохта шудаанд. То ин дам танҳо соатҳои кисагӣ истифода мешуданд.

Аввалин соати рӯимизии зангдор соли 1787 ихтироъ шуд. Он соати 4-и саҳар занг мезад ва тағйир додани вақти занг ғайриимкон буд.



## Фоиданокии шарбати анор



Чанде пеш олимони олмонӣ дар натиҷаи як таҳқиқот муайян карданд, ки кадом шарбат аз ҳама фоидаовар аст ва кадоми онҳо барои пешгирии бемориҳои мушаххас натиҷаи беҳтар медиҳад. Ба ақидаи таҳқиқгарон, аз ҳама муфид шарбати анор аст. Дар таркиби он антиоксидантҳо зиёданд, ки организми инсонро муҳофизат карда, суръати пиршавии ӯро коҳиш медиҳанд. Илова бар ин, шарбати анор калорияи бисёр надорад. Ин шарбатро мунтазам нӯшида, кас худро аз бемоиҳои дилу рагҳо ва саратон муҳофизат менамояд.

Дар ҷойи дуюм - шарбати ангур. Он ҳам аз антиоксидантҳо бой аст, инкишофи бемориҳои дилу рагҳоро пешгирӣ ва фишори хунро паст мекунад.

Ҷойи сеюмро шарбати черника ишғол кард. Ин буттамева хеле фоидаовар аст, зеро аз витамини С ғанӣ аст. Баъди он дар рейтинг гелос ва боз як буттамеваи клюква ҷой гирифтанд. Албатта, ин маънои онро надорад, ки шарбати меваҳои дигар нафъовар нестанд. Шарбати себ, масалан, системаи дилу рагҳоро тақвият мебахшад, барои шахсоне, ки ба меҳнати зеҳнӣ машғуланд, фоида дорад. Он хунро ҳам тоза мекунад. Барои сиҳату бардам будан шарбатҳои тозаи меваҳоро ҳар рӯз хӯрдан тавсия мешавад.

Боҷу хироҷ

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; МЕЛИКЗОДА К.Н. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - ёрдамчии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НУРЗОДА Ҷ. - сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ВОҲИДОВ А. - котиби масъули рӯзномаи «Боҷу хироҷ»; НИГМАТОВ М. - сардори шуъбаи иқтисод, буҷет ва андози рӯзномаи «Боҷу хироҷ».

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

Навбатдор: Неъматулло ЗОИРЗОДА

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, биноиРаёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

*Индекс: 68930*

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

Теъдод: 55 069